Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 155 - 156 (4738 - 4739) | ЧОРШАНБЕ, 27 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**27-уми декабри соли 2023 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар кори маҷлис нахуст «Дар бораи «Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024 - 2026» ҳисоботи вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода шунида шуд.

Таъкид гардид, ки ҳадафи асосии «Стратегияи идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026» таъмини эҳтиёҷоти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағгузорӣ тавассути ҷалби маблағҳои қарзӣ бо хароҷоти камтарин дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуддат бо дараҷаи оқилонаи хавф, ташкил ва нигоҳдории бозори функсионалии қоғазҳои қиматнок равона гардида мебошад.

Баъди баррасии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Стратегияи миёнамуҳлати идоракунии қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2026» Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки он тасдиқ карда шавад ва Вазорати молия якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор оид ба амалисозии стратегияи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2028» ва «Дар бораи «Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2024» ҳисоботи шахсони масъул шунида шуд.

Сипас, аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳо «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адабиёти таълимӣ»-ро баррасӣ карданд.

Дар кори маҷлис, ҳамчунин, масъалаҳо «Дар бораи «Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040», «Дар бораи «Барномаи миёнамуҳлати даромадҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2029» ва «Дар бораи масъалаҳои банақшагирии воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» муҳокима гардиданд.

Дар охири кори маҷлис Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва дигар сохторҳои давлатӣ барои иҷрои саривақтию босифати дастурҳои маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи босамари барномаю стратегияҳои давлатӣ супоришҳои мушаххас доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати таъмини тозагии экологии кӯчаю маҳалҳои зист, ҳифзи муҳити атроф ва ободонию кабудизоркунӣ дастур доданд. Супориш дода шуд, ки дар вақти ниҳолшинонӣ қад-қади шоҳроҳҳои автомобилгард аз ду тараф, бо ҷалби мутахассисони соҳа бо риояи тартиб ва технологияи парвариши ниҳолҳои ороишию сояафкан сабзонидани босифати дарахтонро таъмин намоянд.

Супоришҳои дигар ба Ҳукумати мамлакат ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкилӣ гузаронидани маъракаи зимистони солҳои 2023-2024, таъмини бехатарӣ аз сӯхтор, вусъати корҳои ободонӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷамъбасти бобарори натиҷаҳои фаъолияти бахшҳои иқтисоди миллӣ дар соли 2023 дода шуд.



## САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ШАҲРИ САНКТ-ПЕТЕРБУРГИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**25-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ ҷиҳати иштирок дар вохӯрии ғайрирасмии роҳбарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия ташриф оварданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Пулково Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони расмии Федератсияи Россия самимона истиқбол гирифтанд.

**26-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якҷо бо роҳбарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз маконҳои таърихии шаҳри Санкт-Петербург, аз ҷумла осорхона-мамнӯъгоҳи «Павловск», қасри Екатеринаи осорхона-мамнӯъгоҳи «Дарбори подшоҳӣ» ва Қасри бузурги Петергофи осорхона-мамнӯъгоҳи «Петергоф» боздид намуданд.**

Дар саҳни осорхона-мамнӯъгоҳи «Павловск» Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин истиқбол гирифтанд.

Ба роҳбарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил доир ба таърихи осорхона-мамнӯъгоҳҳо ва санъати меъмории онҳо маълумоти муфассал пешниҳод гардида, намоиши фарҳангӣ баргузор шуд.

**26-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрии ғайрирасмии роҳбарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ширкат варзиданд.**

Дар ҷараёни мулоқот, ки дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия доир гардид, сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо ҳолати ҷорӣ ва дурнамои ҳамкориҳоро дар қолаби ИДМ мавриди баррасӣ қарор доданд. Дар ин зимн масоили таҳкими муколамаи сиёсӣ дар чорчӯбаи ИДМ, ҳамчунин, рушди минбаъдаи ҳамкорӣ миёни кишварҳои иштирокчӣ дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва амният ба ҳайси вазифаҳои рӯзмарра муайян гардиданд.

Ҳамзамон бо ин, мубодилаи афкор атрофи доираи васеи масъалаҳои мубрами дорои аҳамияти минтақавӣ ва байналмилалӣ сурат гирифт.

**www.prezident.tj**



## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бисту ҳафтуми декабри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ ҷаласаи Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Ба рӯзномаи ҷаласа масъалаҳои зерин дохил карда шуданд: «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурожиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ», «Лоиҳаи Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»,

**(Давомаш дар саҳ. 6)**

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## МЕЪЁРҲОИ ПАРДОХТ БАРОИ НОБУДСОЗИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ МУҚАРРАР ШУД



**Бисту шашуми декабри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 58 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Темурҷон Абдулваҳҳобзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа се масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023»**

**2. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

**3. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ».**

**РАИС: -** Ба баррасии масъалаҳои рӯзнома шурӯъ менамоем.

Аз рӯи масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**(Давомаш дар саҳ. 5)**

Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум





# АЗ ҶОНИБДОРИИ ҚОНУНҲО ТО ТАСДИҚИ СМЕТАИ ХАРОҶОТИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ

**Бисту ҳафтуми декабри соли 2023 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Барои бақайдгирӣ тариқи системаи овоздиҳии электронӣ аз қайд гузаред. Марҳамат.

Дар иҷлосия 30 нафар аъзои Маҷлиси миллӣ иштирок доранд. Инчунин, муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, раисони Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ, раиси Палатаи ҳисоб, директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, раиси Бонки миллии Тоҷикистон ва намояндагони воситаҳои ахбори омма дар толор ҳозир мебошанд.

Оид ба оғози кори иҷлосия чӣ гуна таклиф ҳаст?

Таклиф шуд, ки иҷлосия корашро оғоз намояд.

Таклифро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро тариқи овоздиҳии электронӣ муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, *таклиф қабул шуд.*

Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

*(Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Барои ташкили ҷараёни кори иҷлосия лозим аст, ки мутобиқи банди 102-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби кори Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро муайян ва тасдиқ намоем.

Бо назардошти масъалаҳои дар рӯзнома пешбинишуда пешниҳод менамоям, ки барои маърӯзачиён то 5 дақиқа, барои музокираҳо то 3 дақиқа ва барои дархосту таклифҳо то 2 дақиқа вақт муайян карда шавад.

Пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Пешниҳодро ба овоз мемонам. Марҳамат.

Ташаккур, *пешниҳод қабул гардид.*

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мутобиқи банди 102-юми Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки котиботи иҷлосияро интихоб намоем. Оид ба ин масъала сухан ба аъзои Маҷлиси миллӣ Муқимӣ Раҳимҷон дода мешавад. Марҳамат.

*(Муқимӣ Раҳимҷон пешниҳод менамояд, ки ҳайати котибот иборат аз се нафар интихоб карда шавад).*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Таклиф шуд, ки котиботи Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум иборат аз се нафар интихоб карда шавад.

Таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Шумораи ҳайати котиботро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян созед. Марҳамат.

Ташаккур, *таклиф қабул гардид.*

Марҳамат, Муқимӣ Раҳимҷон, ҳайати котиботро пешниҳод намоед.

**Раҳимҷон МУҚИМӢ**: - Ба ҳайати котиботи Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум аъзои зерини Маҷлиси миллӣ пешниҳод карда шуданд:

*Низом Қосим* - раиси котибот;

Муъминова Фирӯза ва Умарализода Мақсудалӣ - аъзои котибот.

**РАИС: -** Оид ба ҳайати котибот таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян намоед. Марҳамат.

Ташаккур, *қарор қабул гардид.*

Аз ҳайати котибот хоҳиш карда мешавад, ки ба ҷойҳои худ гузашта, ба кор шурӯъ намоянд.



**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Лозим аст, ки рӯзномаи Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро тасдиқ намоем.

Лоиҳаи рӯзномаи Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум бо Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва барои баррасӣ ба шумо пешниҳод шудааст.

Оид ба масъалаҳои он таклифҳои дигар ҳаст? Нест.

Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳиш менамоям, ки мавқеатонро муайян намоед.

*Қарор дар бораи рӯзномаи Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум қабул гардида, ба он масъалаҳои зерин ворид гардиданд:*

**1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ»**

**8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

**9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»**

**10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»**

**11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо»**

**12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок»**

**13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ»**

**14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»**

**15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**16. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**17. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**18. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»**

**19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак»**

**20. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

**21. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»**

**22. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»**

**23. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ»**

**24. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»**

**25. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

**26. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот»**

**27. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

**28. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ»**

**29. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ»**

**30. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи сметаи хароҷоти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва басти вазифаҳои Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**31. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исматзода А.У.»**

**32. Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия бозхонд намудани Исматзода А.У.».**

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи якуми рӯзномаи иҷлосия - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем.

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 6 – уми декабри соли 2023 Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардааст, баррасӣ намуд. Мақсади қонуни мазкур аз такмили кодекси амалкунанда дар самти танзими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ иборат буда, ба он қисми IV илова гардидааст, ки он фасли XII-ро дар бар гирифта, муносибатҳои вобаста ба ҳамкории судҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ бо мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалиро танзим менамояд. Қисми мазкур фарогири бобҳои 48-52 ва моддаҳои аз 470 то 525 мебошад.

Боби 48 ҳамкориҳои судҳо, прокурорҳо, муфаттишон ва мақомоти таҳқиқ бо мақомот ва шахсони мансабдори дахлдори давлатҳои хориҷӣ дар тартиби расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятиро танзим намуда, ҳафт моддаро дар бар мегирад.

Боби 49 ба танзими пурраи муносибатҳо вобаста ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ бахшида шуда, моддаҳои 478-491-ро дар бар гирифтааст. Аз ҷумла, дар ин боб гузаронидани амалҳои мурофиавӣ тавассути алоқаи видеоӣ пешбинӣ ва танзим карда шудаанд, ки он барои сарфаи вақт, риояи мӯҳлатҳои мурофиавӣ, рафъи хароҷоти зиёдатӣ зимни гузаронидани амалҳои мурофиавӣ аҳамият дорад.

Боби 50 амалҳои мурофиавиро вобаста ба давом додани таъқиби ҷиноятӣ танзим намуда, меъёрҳоро вобаста ба тартиб ва шартҳои супоридани пешбурди таъқиби ҷиноятӣ ба мақомоти ваколатдори давлати хориҷӣ, мазмуни дархост, тартибу шартҳои қабул намудани пешбурди таъқиби ҷиноятӣ аз давлати хориҷӣ, рад кардани он, дар ҳабс нигоҳ доштани шахс, таъини ҷазо ва хабардиҳиро муқаррар намудааст.

Боби 51 муқаррарот вобаста ба иҷрои амалҳои мурофиавии марбут ба супоридани шахсро пешбинӣ намуда, моддаҳои 498 то 516-ро фаро гирифтааст.

Боби 52 моддаҳои 517- 525-ро дар бар мегирад ва ба эътирофу иҷрои ҳукмҳо, қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ бахшида шуда, тартиби амалҳои мурофиавии эътироф ва иҷрои ҳукмҳо, қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосу шартҳои супоридани маҳкумшуда барои адои минбаъдаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, рад кардани супоридани маҳкумшуда, тартиби аз тарафи суд баррасӣ намудани масъалаҳо оид ба иҷрои ҳукм ё қарори суди давлати хориҷиро муқаррар менамояд.

Ҳамзамон, бо қонуни мазкур дар сархати шашуми қисми 1 моддаи 138 кодекс калимаи «ҷустуҷӯӣ» ба калимаҳои «ҷустуҷӯ ва супоридани» иваз карда шудааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, бахри таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи кодекс мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, хоҳишмандем, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз муқаррар кардани ҷавобгарии маъмурӣ барои риоя накардани талаботи истифодаи таваққуфгоҳҳои музднокӣ дорои низоми худкори идоракунӣ иборат буда, бо ин васила ба боби 19 кодекс, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро пешбинӣ намудааст, моддаи $346^1$ илова гардидааст.

Тибқи қисми 1 моддаи мазкур аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёт ба вуҷуд овардани монеа ҳангоми истифодабарии ҷойҳои таваққуф дар ҳудуди таваққуфгоҳи музднокӣ дорои низоми худкори идоракунӣ ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои аз ҷониби онҳо расонидани зарар ба воситаҳои нақлиёт, воситаҳои техникии танзимкунанда ё дигар молу мулки дар ҳудуди таваққуфгоҳи мазкур, ба андозаи аз як то ду нишондиҳанда ва барои бе пардохти маблағи хизматрасонии истифодабарӣ тарк кардани ҳудуди он ба андозаи як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои бехатарӣ ва ҳифзи воситаҳои нақлиёт, такмили маданияти истифодабарии таваққуфгоҳҳои музднокӣ таҳти низоми худкори идоракунӣ фаъолияткунанда мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, хоҳишмандем, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи масъалаи навбатӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 13-уми декабри соли 2023 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст, аз муқаррар кардани ҷавобгарии маъмурӣ барои риоя накардани талабот дар бораи тариқи ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои давлатӣ ва пардохтҳои дигари ҳатмии давлатӣ иборат буда, ба кодекс моддаи $541^1$ илова гардидааст. Тибқи моддаи мазкур, барои аз ҷониби кормандони вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ гирифтани пули нақд, ки таъиноти он ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани маблағ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва намуди дигари хизматрасониҳои давлатӣ мебошад, инчунин, аз ҷониби онҳо истифодаи кортҳо ва воситаҳои дигари электронии шахсии пардохт бо ин мақсад, ба андозаи аз даҳ то бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъин карда мешавад.

Ҳамзамон, қисми 6 моддаи 39 дар таҳрири нав ифода ёфта, тибқи он, маблағи ҷаримаи маъмурӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ тариқи ғайринақдӣ тавассути ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва инфрасохтори дигари қабули пардохтҳои ғайринақдӣ пардохт карда мешавад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва сари вақт пардохт гардидани маблағ ба буҷети ҷумҳуриявӣ, инчунин баланд бардоштани масъулияти кормандони мақомоти марбута дар ин самт, мусоидат менамояд. Хоҳишмандем, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии масъалаи навбатӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бинобар пешбинӣ шудани ҷавобгарии маъмурӣ барои риоя накардани талаботи истифодаи таваққуфгоҳҳои музднокӣ дорои низоми худкори идоракунӣ аз мутобиқ намудани меъёрҳои моддию мурофиавӣ иборат буда, ба моддаи 98 (Мақомоти корҳои дохилӣ) кодекс тағйироту иловаи дахлдор ворид карда шудаанд.

Чунончи, дар қисми 1 рақамҳо ва калимаҳои «336 қисмҳои 1 ва 3» ба рақамҳо ва калимаҳои «336 қисмҳои 1, 3-6» иваз карда шуда, пас аз рақами «346» аломат ва рақами «, $346^1$» илова ва дар сархатҳои якум, дуюм ва панҷуми қисми 2 рақамҳо ва калимаҳои «336 қисмҳои 1 ва 3» ва «ва 346» мувофиқан ба рақамҳо ва калимаҳои «336 қисмҳои 1, 3-6» ва «, 346 ва $346^1$» иваз гардида, дар ин замина ваколатҳои мақомоти корҳои дохилӣ дар самти баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазои маъмурӣ мавриди тасҳеҳ қарор дода шудааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои аз ҷониби мақомоти марбута татбиқ намудани ваколатҳои дар кодекс муқарраршуда мусоидат менамояд. Бинобар ин, хоҳишмандем, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бинобар пешбинӣ шудани ҷавобгарии маъмурӣ барои риоя накардани талабот дар бораи тариқи ғайринақдӣ пардохт намудани хизматрасониҳои давлатӣ ва пардохтҳои дигари ҳатмии давлатӣ, аз мутобиқ намудани меъёрҳои моддию мурофиавӣ иборат буда, ба моддаи 87 (Ҳолатҳое, ки протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода намешавад) кодекс тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудаанд.

Чунончи, қисмҳои 2 ва 4-и моддаи 87 дар таҳрири нав ифода ёфта, тибқи онҳо, ҳангоми содир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурие, ки дар моддаҳои $295^1$, 324, 333 қисми 2 ва 340 қисми 1 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, дар сурати аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда дар маҳали содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба таври ғайринақдӣ пардохт гардидани маблағи ҷарима, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода намешавад. Дар ин ҳолат ҷазои маъмурӣ дар бланки ҳисоботдиҳии қатъии намунааш аз тарафи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт муқарраршуда ба расмият дароварда мешавад.

Ҳамзамон, дар қисми 5-и моддаи мазкур пас аз калимаи «диҳад,» калимаҳои «инчунин имконияти ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани маблағи ҷаримаро надошта бошад,» ва ҷумлаи дуюм илова гардидаанд, ки тибқи он, дар сурати нисбат ба ронандаи воситаи нақлиёт тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳуҷҷати ронандагии ронандаи воситаи нақлиёт гирифта намешавад ва протоколи тартибдодашуда ба махзани ягонаи электронии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад.

(Давомаш дар саҳ. 3)

# АЗ ҶОНИБДОРИИ ҚОНУНҲО ТО ТАСДИҚИ СМЕТАИ ХАРОҶОТИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ

(Идома аз саҳ. 2)

Инчунин, ба қисми 1 моддаи 93 (Суд) пас аз рақами «541,» рақами «541$^{1}$,», дар моддаи 229 (Иҷрои қарор оид ба таъин кардани ҷазои маъмурӣ дар намуди ҷарима) ба қисмҳои 1 ва 3 мувофиқан пас аз калимаи «намудааст,» ва «Тоҷикистон» калимаҳои «бо тартиби дар қисми 6 моддаи 39 (Ҳолатҳое, ки иштироки такрории судя, мақоми ваколатдори давлатиро (шахсони мансабдорро) дар баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ истисно мекунанд) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида» ва «бо тариқи ғайринақдӣ» илова карда шуда, дар моддаи 2 қонуни мазкур масъалаи пас аз як моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор гирифтани он пешбинӣ шудааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои аз ҷониби мақомоти марбута татбиқ намудани ваколатҳои дар кодекс муқарраршуда мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ кунед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагон Р. Раҷабзода, М. Мирзозода ва С. Маҷидзода пешниҳод гардида, онро 4-уми октябри соли 2023 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст, баррасӣ намуд.

Мақсади қонун аз мутобиқ намудани баъзе истилоҳоти кодекси амалкунанда ба дигар санадҳои қонунгузорӣ, аз ҷумла Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, дар ном ва матни он калимаҳои «ГРАЖДАНИИ», «гражданӣ», «граждание», «гражданиро», «граждании» ва «гражданию» мувофиқан ба калимаҳои «МАДАНИИ», «маданӣ», «мадание», «маданиро», «мадании» ва «маданию» иваз карда шудаанд.

Ҳамзамон, бо қонуни мазкур дар 2 боб ва зиёда аз 20 модда тағйироте пешбинӣ гардидаанд, ки тибқи онҳо калимаҳои «ғоиб», «фавтида», «шаҳрванд», «ҒОИБ», «ФАВТИДА», «ШАҲРВАНД», «ваколатдиҳанда», «сохтани қобилияти амали шаҳрванд» ва «СОХТАНИ ҚОБИЛИЯТИ АМАЛИ ШАҲРВАНД» мувофиқан ба калимаҳои «ғоибшуда», «вафоткарда», «шахси воқеӣ», «ҒОИБШУДА», «ВАФОТКАРДА», «ШАХСИ ВОҚЕӢ», «вакилкунанда», «намудани қобилияти амалкунии шахси воқеӣ» ва «НАМУДАНИ ҚОБИЛИЯТИ АМАЛКУНИИ ШАХСИ ВОҚЕӢ» иваз карда шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи талаботи кодекс, мусоидат менамояд. Хоҳишмандам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» аз бартараф намудани камбудию норасоиҳои ҷойдошта ва мушаххас кардани меъёрҳои алоҳидаи қонуни амалкунанда иборат буда, дар моддаҳои 10, 12, 15, 19, 22, 29, 31, 35, 38, 39 ва 41 баъзе калимаю ибораҳо иваз, илова ё хориҷ карда шудаанд, ки бештар хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда, таҳририӣ ва имлоӣ доранд. Инчунин, моддаи 9$^{1}$, ки меъёрро вобаста ба дархости адвокат муқаррар намудааст, илова гардида, бо тағйиру иловаҳо ба моддаи 10 уҳдадориҳои адвокат такмил ва тибқи ҷумлаи сеюми ба қисми 3 моддаи 13 иловашаванда, аъзои комиссияи тахассусӣ, ба истисно раиси комиссия, наметавонанд зиёда аз як маротиба аъзои комиссияи тахассусӣ бошанд.

Қисмҳои 1 моддаҳои 16 ва 18 дар таҳрири нав ифода ёфта, бо тағйиру иловаҳои ба қисми 1 моддаи 21 пешбинишуда, ҳолатҳои боздоштани мақоми адвокат тасҳеҳ гардида, ҳамзамон, ба моддаи 22 қисми 3 илова шудааст, ки тибқи он, Иттифоқи адвокатҳо ҳангоми аз мақомоти давлатӣ, комиссияи тахассусӣ, мақомоти минтақавӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ гирифтани маълумоти дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда дарҷгардида ба ҷаласаи навбатии комиссияи тахассусӣ пешниҳод ирсол менамояд.

Бо иловаи қисми 11 ба моддаи 37, Иттифоқи адвокатҳо ва мақомоти минтақавии он уҳдадоранд ба комиссияи тахассусӣ маълумот оид ба фаъолияти худ, раванди назорати фаъолияти касбии адвокатҳо, баррасии шикояти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нисбат ба адвокатҳо, инчунин, маълумоти дигари барои фаъолияти комиссияи тахассусӣ заруриро ҳар шаш моҳ ва вобаста ба ҳолатҳои дар қисмҳои 1 ва 2 моддаи 22 қонун пешбинишуда, ҳар моҳ пешниҳод намуда, нусхаи қарорҳои қабулшударо вобаста ба масъалаҳои дар сархатҳои якум, дуюм, сеюм, чорум, даҳум, сенздаҳум ва чордаҳуми қисми 3 моддаи 38, сархатҳои дувоздаҳум ва чордаҳуми қисми 4 моддаи 39 ҳамин қонун дар давоми 3 рӯз пас аз қабули онҳо бо замимаи нусхаи санадҳои дахлдор ба комиссияи тахассусӣ барои маълумот пешниҳод менамояд.

Тибқи иловаи қисми 5 ба моддаи 34, коромӯзӣ дар назди адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон буда, муқаррароти ба моддаҳои 39 ва 43 иловашаванда пешбинӣ менамоянд, ки мақомоти минтақавии Иттифоқи адвокатҳо оид ба фаъолияти худ дар назди Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботдиҳанда мебошад ва раёсати Иттифоқи адвокатҳо метавонад қарору санадҳои хилофи қонунгузорӣ қабулнамудаи онро бекор намояд.

Ҳамзамон, қисми 1 моддаи 42, ки меъёрро вобаста ба молу мулки Иттифоқи адвокатҳо муқаррар менамояд, дар таҳрири нав ифода ёфтааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои баланд бардоштани нақш, мавқеъ ва масъулияти адвокат дар ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат менамояд. Кумита нисбат ба қонун эрод надорад ва эҳтиромона хоҳиш дорем, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»-ро, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 26-уми декабри соли 2023 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст, баррасӣ намуд.

Мақсади қонун аз такмили меъёри алоҳидаи қонуни амалкунанда иборат буда, ба ҷадвали 2 замима ба қонун, ки муқарраротро роҷеъ ба ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ пешбинӣ менамояд, сатри 48$^{1}$ илова шудааст.

Тибқи сатри иловашуда, минбаъд анҷом додани фаъолият оид ба воридоти бензин дар асоси ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ - Шаҳодатнома оид ба воридоти бензин амалӣ гашта, андозаи хироҷ барои додани чунин ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла хироҷ барои баррасии ариза 10 (даҳ), хироҷи яккарата барои додани чунин ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ва хироҷи минбаъдаи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ мутаносибан 60 000 (шаст ҳазор) нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар гардидааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои татбиқ намудани ваколат аз ҷониби мақомоти марбута дар ин самт, мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Кумита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро 13- уми декабри соли 2023 Маҷлиси намояндагон қабул кардааст, баррасӣ намуд.

Мақсади қонун аз такмили меъёрҳои алоҳидаи қонуни амалкунанда ва бартараф сохтани норасоию камбудиҳои ҷойдошта иборат буда, дар тамоми матни қонуни амалкунанда, инчунин моддаҳои 2, 6, 7, 9, 22, 24, 29, 31, 34, 39, 42, 43, 47, 52, 55-58, 62-64, 66-69, 82-84, 87, 89, 91 ва 93 баъзе калима ё ибораҳои алоҳида иваз, илова ё хориҷ карда шудаанд, ки бештар хусусияти муайянкунанда, мутобиққунанда, таҳририӣ ва имлоӣ доранд.

Бо қонуни мазкур қисми 2 моддаи 24 ва қисми 5 моддаи 39 бо роҳи дар таҳрири нав ифода ёфтан такмил дода шуда, тибқи онҳо, вазоратҳо, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли фармоиш, кумитаҳои давлатӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли қарор қабул мекунанд. Ҳамзамон, тартиби пешбурди Портали интернетӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таҳлили таъсири танзимкуниро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

Тибқи тасҳеҳоти қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 48, масъалаи истинод намудан ба санадҳои қонунгузорӣ ва санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дарҷ гардида, инчунин, қисми 5 моддаи 69, номи моддаи 83 ва қисми 4 моддаи 89 қонуни амалкунанда бо роҳи дар таҳрири нав ифода ёфтан такмил дода шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, бахри таъмини риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо мусоидат менамояд. Кумита нисбат ба қонун эрод надорад ва бо эҳтиром хоҳиш дорам, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Раҳмон Дилшод дода мешавад. Марҳамат.

**Дилшод РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Мақсади Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» аз таҳкими механизми амалишавии ҳуқуқи ноболиғон ба муроҷиат иборат буда, ба қонуни амалкунанда моддаи 13$^{1}$, ки меъёрро роҷеъ ба хусусиятҳои пешниҳод ва баррасии муроҷиати ноболиғон пешбинӣ менамояд, илова карда шудааст.

Тибқи моддаи иловашуда, ноболиғоне, ки метавонанд ақидаҳои худро мустақилона ифода кунанд, ҳуқуқ доранд бевосита ва ё ба воситаи намояндагони қонунии худ, мақомоти васоят ва парасторӣ ва мақомоти ваколатдори дигар дар бораи риояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ ба мақомоту ташкилотҳои дахлдор муроҷиат намоянд, фикру ақидаҳои худро озодона ва бе таъсиррасонии мақомоту ташкилот ва шахсони дигар баён кунанд. Баррасии чунин муроҷиат аз ҷониби мақомоту ташкилотҳои дахлдор ҳангоми зарурат бо иштироки намояндагони қонунии ноболиғон, инчунин мақомоти васояту парасторӣ сурат мегирад.

Ҳамзамон, дар робита бо иловаи зикршуда аз қисми 2 моддаи 13 калимаи «ноболиғон,» хориҷ карда шудааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, барои амалӣ гаштани ҳуқуқи ноболиғон ба муроҷиат ва иштироки онҳо дар ҳаёти ҷомеа мусоидат менамояд. Бинобар ин, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки он ҷонибдорӣ карда шавад

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13-уми декабри соли 2023 қабул намудааст.

Қонун аз 4 боб ва 20 модда иборат мебошад.

Қонуни мазкур дар партави ташаббусҳои сатҳи ҷаҳонии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба масъалаҳои обу иқлим ва Қатъномаи махсуси Маҷмаи умумии СММ оид ба эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» таҳия гардидааст. Қонуни зикршуда асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ҳифзи пиряххоро ҳамчун объектҳои муҳити зист ва манбаъҳои стратегии захираҳои обӣ муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба пешбурди корҳои омӯзишӣ, илмию таҳқиқотӣ, мониторинг ва татбиқи сиёсати давлатӣ ва байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мазкур ба танзим медарорад. Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандем, ки онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи пиряххо» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» оғоз менамоем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21-уми июни соли 2023 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудани меъёрҳои он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ», «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ва «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия ва қабул гардидааст. Ҳамин тариқ, дар сархати дувоздаҳуми моддаи 1 мафҳуми «харобшавии хок» дар таҳрири нав ифода гардида, сархати сенздаҳуми моддаи мазкур хориҷ карда шудааст. Мутобиқи тағйироти воридшуда ба моддаи 5, минбаъд ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои тасдиқи стратегияҳо, барномаҳо ва нақшаҳои амал, тасдиқ намудани тартиби мансуб донистани хок ба хоки нодир ва хоке, ки ба он хатари аз байн рафтан таҳдид мекунад, инчунин муайян намудани самтҳои асосии ҳамкории байналмилалӣ дар соҳа дохил мешаванд.

Ҳамзамон, қисми 1 моддаи 11 дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки мутобиқи он, минбаъд ҳифзи қабати ҳосилхези хок аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ ва заминистифодабарандагон таъмин карда мешаванд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хок» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми октябри соли 2023 қабул намудааст.

Қонуни мазкур бо мақсади дақиқ намудани ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зотпарварӣ, мушаххас намудани ҳуқуқи селексионер барои ҳифзи зот ва навъи дохилизотӣ ё дурагаи ҳайвоноти кишоварзӣ қабул гардидааст. Дар иртибот ба ин, ба моддаи 1 қонуни амалкунанда мафҳумҳои «хели (типи) дохилизотии ҳайвоноти кишоварзӣ» ва «селексионер» илова гардидаанд. Ҳамзамон, моддаи 7 дар таҳрири нав ифода гардидааст, ки тибқи он, минбаъд мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ, ҳамчун мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи зотпарварӣ муайян гардида, ваколатҳои онҳо мушаххас нишон дода шудаанд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Саид Давлаталӣ дода мешавад. Марҳамат.

**Давлаталӣ САИД:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» бо мақсади мушаххас гардондани ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тухмипарварӣ, назорати давлатӣ дар соҳа ва мутобиқгардонии қонуни амалкунанда ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардидааст. Ҳамин тариқ, моддаҳои 24, 25, 29, 29$^{2}$ ва 31 қонун дар таҳрири нав ифода гардида, ба он моддаҳои нави 29$^{3}$ ва 31$^{1}$ илова карда шудаанд, ки ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бехатарии озуқавориро дар соҳа ба таври мушаххас муайян менамоянд.

Қонун ба Конститутсия, дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандем онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми октябри соли 2023 қабул намудааст.



Бо мақсади амалисозии рафти иҷрои «Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак барои солҳои 2018 - 2022» ба моддаи 57$^{1}$ қонуни амалкунанда тағйир ворид карда шудааст, ки тибқи он, мақомоту ташкилотҳо, инчунин шахсони мансабдори онҳо, ки барои қабули қарор ваколатдор мебошанд, ҳангоми ҳалли масъалаҳои ба манфиатҳои кӯдак дахлдошта бояд фикри кӯдакеро, ки метавонад ақидаҳои худро мустақилона ифода кунад, сарфи назар аз синну сол, ба назар гирифта, дар асоси манфиатҳои беҳтарини кӯдак қарор қабул кунанд.

Қонуни пешниҳодгардида ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, кумита нисбат ба он эрод надорад ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади иҷрои супориши Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз 11-уми сентябри соли 2020 дар бораи тақвият додани ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсии хурдсолу ноболиғон, баланд бардоштани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон ва Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ҳисоботи прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022» таҳти №380 аз 15-уми марти соли 2023 бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15-уми ноябри соли 2023 қабул кардааст.

Бо ин мақсад ба қисми 1 моддаи 127, моддаи 145 ва қисми 2 моддаи 148 иловаҳои дахлдор ворид карда шуд, ки тибқи он, минбаъд шахсоне, ки ба ҳукми суд барои содир кардани ҷиноят якумра аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти омӯзгорӣ ва ё ишғоли мансабҳое, ки бо кор бо ноболиғон вобастагӣ доранд, маҳрум карда шудаанд, ҳуқуқи ба фарзандхондӣ қабул карданро надоранд ва он боиси беэътибор донистани фарзандхондии кӯдак гашта, ҳамчунин ин шахсон валӣ ва парастор таъин шуда наметавонанд.

Ҳамчунин, дар тамоми матни кодекс калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз гардидааст, ки хусусияти муайянкунанда ва мутобиққунанда дошта, мухолифату норасоиҳои ҷойдоштаро бартараф менамояд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад. Хоҳишмандем, ки он ҷонибдорӣ карда шавад.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузории соҳаи тандурустӣ, мутобиқгардонии меъёрҳои дохилии Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда аз мундариҷаи тавсияҳои муҳокимаи парламентии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми майи соли 2021 ва Қарори Шӯрои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми июни соли 2021 таҳти №153 бармеоянд ва ба таъмини низоми самараноки хизматрасонии тиббӣ, расонидани кумаки тиббии касбию босифат, таъиноти доруворӣ, пешгирии таҳияи доруҳатҳои ба истилоҳ «фармоишӣ» ва водорсозии бемор барои хариди доруворӣ аз дорухонаҳои алоҳида, баланд бардоштани масъулияти хизматию касбии кормандони соҳаи тиб, ҳамчунин такмил додани қонунгузории соҳаи тандурустӣ равона шудаанд.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита ба он эрод надорад ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» оғоз мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми декабри соли 2023 қабул кардааст.

Мақсади қонун аз фароҳам овардан ва тақвият бахшидан ба заминаҳои ҳуқуқии фаъолият дар соҳаи фарҳанг, инкишофи минбаъдаи соҳаи фарҳанг, мушаххас гардонидани салоҳият ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, ҳамкории байналмилалӣ дар ин соҳа, ҳифз ва эҳёи мероси таърихию фарҳангии миллӣ иборат буда, он 11 боб ва 70 моддаро дар бар гирифтааст. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи фарҳанг танзим менамояд.

Боби 1 ба «Муқаррароти умумӣ» бахшида шуда, дар он мафҳумҳои асосии дар қонуни мазкур истифодашаванда, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фарҳанг, доираи амали қонуни мазкур, сиёсати давлатӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин соҳа, инчунин ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва кафолати давлатии шаҳрвандон дар соҳаи фарҳанг пешбинӣ шудааст.

Боби 2 «Салоҳият ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фарҳанг» ном дошта, фарогири моддаҳои 9 - 14 буда, дар он салоҳият ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба таври мушаххас муайян гардидааст.

Бобҳои 3 - 6 қонуни мазкур низоми қонунгузории соҳаи фарҳангро мукаммал гардонида, фарогири муносибатҳо дар самти «Ҳуқуқу уҳдадориҳои кормандони соҳаи фарҳанг», «Фаъолият дар соҳаи фарҳанг», «Танзими давлатӣ дар соҳаи фарҳанг» ва «Ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии корманди соҳаи фарҳанг» буда, он танзимкунандаи муносибатҳо дар самти ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва имтиёзҳои кормандони соҳаи фарҳанг, субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ, мақоми муассисаҳои соҳаи фарҳанг, намудҳо ва тартиби таъсис ва бархамдиҳии муассисаҳои соҳаи фарҳанг, ҳамкории муассисаҳои фарҳангии давлатӣ бо ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, тартиби назорати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг, инчунин тайёр намудан, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, аттестатсия, ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии кормандони соҳаи фарҳанг, аккредитатсияи давлатии муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг, бақайдгирӣ ва мураттабсозии феҳристҳои ягонаи давлатӣ дар соҳаи фарҳанг мебошад.

(Давомаш дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 3)

# АЗ ҶОНИБДОРИИ ҚОНУНҲО ТО ТАСДИҚИ СМЕТАИ ХАРОҶОТИ МАҶЛИСИ МИЛЛӢ

Дар бобҳои 7 ва 8, ки моддаҳои 48-57-ро дар бар гирифтаанд, тартиби ташкил ва гузаронидани чорабинии оммавии фарҳангӣ, уҳдадориҳои ташкилкунандагони ин чорабиниҳо, сафарҳои ҳунарии гурӯҳҳои эҷодӣ ва ҳунармандони алоҳида, намудҳои сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, паҳн ва дастраси омма намудани ин сарватҳо ва муносибатҳои молумулкии вобаста ба сарватҳои фарҳанги миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбинӣ менамояд.

Боби 9 қонуни мазкур аз моддаҳои 58-62 иборат буда, масъалаҳои марбут ба фаъолияти молиявию хоҷагидориро дар низоми фарҳанг, манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ, ҳуқуқҳои молумулкии онҳо, фаъолияти пулакӣ ва таъминоти моддию техникии муассисаҳои соҳаи фарҳангро муайян намудааст. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи фарҳанг, сарватҳои таърихию фарҳангии бурунмарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, марказҳои фарҳангӣ дар хориҷи кишвар ва ташкилотҳои байналмилалии соҳаи фарҳанг дар боби 10, ки моддаҳои 63-67-ро дар бар гирифтааст, ба танзим даровarда шуда, боби 11 аз «Муқаррароти хотимавӣ» иборат буда, дар он ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур, дар бораи аз эътибор соқит донистани қонунгузории амалкунанда дар бораи фарҳанг ва тартиби мавриди амал қарор додани он пешбинӣ карда шудааст.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кумита ба он эрод надорад ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» оғоз менамоем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» бо мақсади амалисозии рафти иҷрои «Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак барои солҳои 2018-2022» аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми октябри соли 2023 қабул кардааст.

Бо ин мақсад ба қонуни мазкур модда ва қисмҳои нав илова гардидааст, ки ба манъ будани истифода ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ нисбат ба кӯдак, таҳкими механизми мурофиаҳои кӯдакон, ҳуқуқи кӯдак ба ҳимоя ва маҳдуд набудани ҳуқуқи кӯдак ба изҳори ақида, новобаста ба синну сол, равона гардида, ба кӯдак имкон фароҳам оварда шудааст, ки ҳангоми вайрон шудани ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ, бевосита ба мақомоти васоят ва парасторӣ, инчунин мақомоти ваколатдори давлатии дигар мурофиат намояд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад.

Аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» шурӯъ мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 июни соли 2023 қабул кардааст.

Қонуни мазкур бо мақсади такмили қонуни амалкунанда ва мутобиқ намудани меъёрҳои он ба талаботи дигар санадҳои қонунгузорӣ пешниҳод гардида, дар қисми 11 моддаи 19 калимаҳои «низомномае, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст,» ба калимаҳои «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» иваз карда шуданд.

Қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, кумита ба он эрод надорад ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки қонуни номбурдаро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» шурӯъ мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми октябри соли 2023 қабул намудааст.

Иловаҳои мавриди назар ба моддаҳои 1 ва 19 қонуни мазкур бо мақсади такмили қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқии низоми таҳсилоти дуалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, ки аз қисми назариявӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва қисми амалӣ дар истеҳсолот ва ё ҷойи кор иборат мебошад, пешниҳод гардидааст.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад. Аз аъзои Маҷлиси миллӣ ҷонибдории қонуни мазкурро хоҳиш менамоям.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» оғоз менамоем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Кумита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»-ро, ки бо мақсади такмили қонунгузорӣ оид ба танзими ҳуқуқии низоми таҳсилоти дуалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 4-уми октябри соли 2023 қабул кардааст, баррасӣ намуд.

Бо ин мақсад ба моддаи 2 мафҳуми «- таҳсилоти дуалӣ – низоми таълим дар зинаҳои таҳсилоти касбӣ, ки дар он қисми назариявӣ дар муассисаи таълимӣ, қисми амалӣ дар истеҳсолот ва ё ҷойи кор амалӣ карда мешавад;», дар қисми 4 моддаи 9 баъд аз калимаи «тиббӣ» калимаҳои «ва ихтисосҳои дахлдори муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дорои мақоми байналмилалӣ» ва дар қисми 10 ҳамин модда баъд аз калимаи «фосилавӣ,» калима ва аломати «дуалӣ,» илова карда шуданд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мутобиқ буда, кумита нисбати он эрод надорад. Аз аъзои Маҷлиси миллӣ ҷонибдории қонуни мазкурро хоҳишмандам.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» бо мақсади такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин истифодаи дурусти истилоҳу мафҳумҳои ҷавобгӯ ба талаботи муосир ва бартараф намудани номутобиқии меъёрҳои танзимкунанда аз тарафи як гурӯҳ вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21-уми июни соли 2023 қабул намудааст.

Бо ин мақсад муқаддимаи қонун, номи моддаҳои 5, 7 ва қисми 2 моддаи 7 дар таҳрири нав ифода шуда, дар моддаи 3 сархати нав -«ташаккули буҷети давлатӣ» илова гардидааст.

Дар дигар мавридҳо низ тағйироти пешбинишуда хусусияти муайянкунанда ва мутобиқкунанда дошта, бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, истифодаи ислоҳоту ибораҳо бо назардошти услуби ягона ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ равона карда шудаанд.

Қонуни пешниҳодгардида ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, кумита нисбат ба он эрод надорад ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» шурӯъ мекунем. Сухан ба Гулзода Маҳмадшоҳ дода мешавад. Марҳамат.

**Маҳмадшоҳ ГУЛЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи як гурӯҳ аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Дар асоси тағйиру иловаҳои пешниҳодгардида ба моддаҳои 9 ва 11 қонуни амалкунанда, ки вазифаҳо ва ҳуқуқҳои мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон нисбат ба собиқадорон, инчунин кафолатҳои фаъолияти ташкилотҳои собиқадоронро муайян менамояд, иштироки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро низ дар ин равиш пешбинӣ намудааст. Ҳамзамон, дар моддаи 19 пас аз калимаҳои «кӯшунҳои дохилӣ» калимаҳои «Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид гардиданд, ки минбаъд тибқи ин тағйирот Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун собиқадорони хизмати ҳарбӣ эътироф мешаванд.

Инчунин, ба моддаҳои 20, 38 ва 43 иловаҳо пешниҳод гардидааст, ки тибқи он шахсоне, ки дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия адои вазифа кардаанд, собиқадорон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътироф гардида, бо аъзои оилашон аз кафолату ҷубронҳои давлатӣ низ бархӯрдор мегарданд.

Қонуни мазкур ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқ буда, кумита нисбат ба он эрод надорад ва аз аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳиш менамоям, ки онро ҷонибдорӣ намоянд.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми декабри соли 2023 қабул намудааст.

Мақсад аз қабули қонуни мазкур дақиқнамоии манбаи пардохтҳои ҳатмии ситонидашаванда барои нобудсозии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дар кишвар мебошад.

Дар робита ба ин, ба қонун моддаи нави $63^{29}$ илова гардидааст, ки мутобиқи қисми 1 он, минбаъд пардохт барои нобудсозии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ аз ҷониби мақомоти бозрасии давлатии автомобилӣ ҳангоми ба қайди давлатӣ гузоштани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пас аз барасмиятдарории гумрукии воситаҳои нақлиёти автомобилии ба ҷумҳурӣ воридгардида ва ҳангоми гузаронидани муоинаи ҳатмии давлатии техникии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ситонида мешавад. Илова бар ин, пардохти дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда аз ҳар як воситаи нақлиёти автомобилӣ як маротиба ситонида шуда, аз натиҷаи он ба соҳиби воситаи нақлиёт талон оид ба супоридани маблағи пардохт барои нобудсозии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дода мешавад, ки он то давраи нобудсозии (утилизатсия)-и воситаи нақлиёти автомобилӣ эътибор дорад.

Ҳамзамон, тибқи моддаи $63^{31}$ қонун намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия гардидаанд, бо шарти аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бозпас баровардани воситаҳои нақлиёти автомобилии қаблан вориднамудаи онҳо ва воситаҳои нақлиёти автомобилие, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан ворид карда шудаанд, аз супоридани ин намуди пардохт озод карда мешаванд. Инчунин, мутобиқи моддаи $63^{32}$ қонун меъёрҳои пардохт барои нобудсозии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ мебошад. Кумита нисбат ба қонуни мазкур эрод надорад ва аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар асоси қонуни мазкур ба моддаи 1 мафҳумҳои «фаъолияти иқтисодии хориҷӣ» ва «айнияткунонии молҳо, технологияҳо ва таъминоти барномавии назоратшаванда» илова гардида, мазмуни онҳо шарҳ дода шудааст. Ҳамзамон, ба моддаи 6 сархати ҳафтум илова гардидааст, ки он тартиби таъсиси комиссия оид ба назорати содирот, низомнома ва ҳайати онро муайян менамояд.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати содирот» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» шурӯъ мекунем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» бо мақсади истифодаи истилоҳот бо назардошти услуби ягонаи забони давлатӣ, бартараф намудани норасоию мухолифатҳо, такмили мазмуни меъёрҳо мутобиқ ба талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ қабул шудааст.

Муқаддимаи қонун дар таҳрири нав ифода гардида, минбаъд он асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии татбиқи раванди барҳамдиҳии ихтиёрӣ ва маҷбурӣ, аз ҷумла раванди муфлисшавии ташкилотҳои қарзиро муқаррар менамояд. Ҳамзамон, дар қисми 7 моддаи 6 калимаҳои «дигар асосҳо» ба калимаҳои «дигар асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз гардидаанд, ки ҷавобгӯ ба доираи амали қонуни мазкур мебошад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» оғоз менамоем. Сухан ба Ҷумъазода Шарифҷон дода мешавад. Марҳамат.

**Шарифҷон ҶУМЪАЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаракат дар роҳро муайян намуда, ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ равона гардидааст.

Дар асоси қонуни мазкур ба қисмҳои 2, 3 моддаи 33 тағйирот ворид гардида, калимаҳои «фондҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ», «мешаванд» ва «фондҳои» мувофиқан ба калимаҳои «фонди роҳ», «мешавад» ва «фонди» иваз гардида, тадбирҳои маблағгузории таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳро муайян месозад.

Қонун ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» шурӯъ менамоем. Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Раҳимӣ Фарҳод дода мешавад. Марҳамат.

**Фарҳод РАҲИМӢ:**

**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби узви Маҷлиси миллӣ Ҳ. Дӯстзода ва вакилони Маҷлиси намояндагон Ф. Идизода, Ш. Ҳакимзода, М. Шодиён, Ғ. Азиззода, З. Файзуллозода ва З. Сафарзода пешниҳод гардида, онро Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон якуми ноябри соли 2023 қабул намудааст.



Мақсад аз қабул намудани қонуни конститутсионии мазкур мутобиқ намудани он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз байн бардоштани ихтилофоти қонунгузорӣ, инчунин мутобиқ намудани он ба талаботи имлои забони тоҷикӣ мебошад. Илова бар ин, дар қонуни конститутсионии амалкунанда як қатор тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд, ки онҳо хусусияти муайянкунанда, мутобиқкунанда ва таҳрирӣ доранд.

Қонуни конститутсионии мазкур ба меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои амалкунанда ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мутобиқ буда, кумитаи мо нисбат ба он эрод надорад ва аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ хоҳишмандам онро ҷонибдорӣ намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи сметаи хароҷоти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва басти вазифаҳои Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ менамоем. Сухан ба роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ Идрисзода Илёс дода мешавад. Марҳамат.

**Илёс ИДРИСЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи сметаи хароҷоти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва басти вазифаҳои Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод гардидааст.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» сметаи хароҷоти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024-ум 5,0 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки он асосан барои пардохти музди меҳнат, хароҷоти мол ва хизматрасониҳо, инчунин кумакпулиҳои иҷтимоӣ равона гардидааст:

*(- фонди музди меҳнат ва андозҳо – 2,3 млн. сомонӣ;*

*- хароҷоти мол ва хизматрасониҳо – 2,2 млн. сомонӣ;*

*- кумакпулиҳои иҷтимоӣ 0,3 млн. сомонӣ;*

*- харидории мошин ва таҷҳизот – 0,2 млн. сомонӣ).*

Сохтор ва рӯйхати вазифаҳои Дастгоҳи Маҷлиси миллӣ, ки бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25-уми декабри соли 2019 тасдиқ шудааст, бетағйир монда, басти вазифаҳо аз 52 воҳиди корӣ иборат мебошад.

Аз шумо - муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ ва тасдиқи қарори мазкурро бо эҳтиром хоҳиш менамоям.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи сметаи хароҷоти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024 ва басти вазифаҳои Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исматзода А.У.» оғоз менамоем. Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳишмандам, ки мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколати узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Исматзода А.У.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Ба муҳокимаи лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия бозхонд намудани Исматзода А.У.» шурӯъ мекунем. Лоиҳаи қарорро ба овоз мемонам ва хоҳишмандам, ки мавқеатонро муайян намоед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия бозхонд намудани Исматзода А.У.» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Тибқи талаботи Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиботи иҷлосия оид ба рафти кори иҷлосия, мурофиатҳо ва ҳуҷҷатҳои ба унвони иҷлосияи Маҷлиси миллӣ воридшуда маълумот манзур менамояд. Доир ба ин масъала сухан ба раиси котибот Низом Қосим дода мешавад. Марҳамат.

**Низом ҚОСИМ: - Муҳтарам Раис, муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Унвонии Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум мурофиат, ариза, дархост ворид нашудааст.

**РАИС: - Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ!**

Масъалаҳои рӯзномаи Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баррасӣ ва нисбат ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Доир ба рафти иҷлосия таклифу пешниҳодҳо бошанд, марҳамат, иброз намоед. Нест.

Тавре огоҳ ҳастед, пагоҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Паёми навбатиашонро ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд. Бовар дорам, ки аъзои Маҷлиси миллӣ зимни ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» фаъолона ширкат меварзанд.

Моро лозим аст, ки дар асоси дастуру ҳидоятҳои навбатии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати тақвияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қонунгузорӣ дучанд заҳмат кашида, барои фароҳам овардани шароити мусоиду муносиби рушди кишвари азизамон дар ҳама ҷанба кӯшиш ба харҷ диҳем.

Ҳар як узви Маҷлиси миллиро зарур аст, ки рисолати худро софдилонаю содиқона иҷро намуда, дар кори пешрафту шукуфоии Ватан ва таъмини зиндагии шоистаи ҳар як фарди мамлакат саҳми назаррас гузорад.

Инак, мо дар арафаи анҷоми соли 2023 қарор дорем. Соли сипаришудаистода аз ҳар ҷиҳат барои Тоҷикистон соли неку бобарор буд. Бовар дорам, ки дар соли оянда низ аъзои Маҷлиси миллӣ бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ барои таҳия, қабул ва ҷонибдорӣ намудани қонунҳои ба нафъи давлат, ҷомеа ва мардум равонагардида, инчунин дар самти вусъати корҳои созандагию бунёдкорӣ пурмаҳсул кор мекунанд.

Бо истифода аз ин фурсат аъзои Маҷлиси миллӣ ва ҳозирини арҷмандро ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2024 табрик гуфта, ба ҳар як хонадони кишвар тансиҳатӣ, хушбахтӣ ва файзу нишот орзумандам.

Бо ҳамин Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро пӯшида эълон менамоям.

(*Суруди Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон садо медиҳад).*

**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2023»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» аз 7 декабри соли 2022 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2022, №12, қ. 2, мод. 758; с. 2023, №4-6, мод. 150; №7-10, мод. 311) қисми 15 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«15. Воридоти техникаву таҷҳизоти замонавӣ (трап, лифтҳои махсус барои мусофирон, эскалаторҳо, автокран, таҷҳизоти баркдиҳандаи ҳавопаймо) барои азнавсозии аэровокзали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» аз андоз аз арзиши иловашуда ва андози аксиз ба андозаи 50 фоизи меъёри муқарраршуда, инчунин аз боҷи гумрукӣ пурра озод карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 2013**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси**
**намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 26 декабри соли 2023, № 1189**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ДИГАР ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ БА БУҶЕТ»

**Моддаи 1**. Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз 28 июли соли 2006 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 2006, №7, мод. 345; с. 2009, №5. мод. 327; с. 2010, №1, мод. 3; с. 2011, №12, мод. 848; с. 2013, №3, мод. 191; с.2015, №11, мод. 971; с.2016, №7, мод. 629, №11, мод.884; с.2019, №4-5, мод. 230, №6, мод. 324, мод. 325; с. 2021, №6, мод. 396, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 2023, №2005) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати бистуми қисми 2 моддаи 4 аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шуда, сархати бисту якум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ.».

2. Боби $16^{11}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«**БОБИ $16^{11}$. ПАРДОХТ БАРОИ НОБУДСОЗӢ (УТИЛИЗАТСИЯ)-И ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ**

**Моддаи $63^{29}$. Муқаррарот оид ба ситонидани пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ**

1. Пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ (минбаъд - пардохт) аз ҷониби мақомоти бозрасии давлатии автомобилӣ ҳангоми ба қайди давлатӣ гузоштани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пас аз барасмиятдарории гумрукии воситаҳои нақлиёти автомобилии ба ҷумҳурӣ воридгардида ва ҳангоми гузаронидани муоинаи ҳатмии давлатии техникии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ситонида мешавад.

2. Пардохти дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда аз ҳар як воситаи нақлиёти автомобилӣ як маротиба ситонида шуда, аз натиҷаи он ба соҳиби воситаи нақлиёт талон оид ба супоридани маблағи пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ дода мешавад, ки он то давраи нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаи нақлиёти автомобилӣ эътибор дорад.

**Моддаи $63^{30}$. Супорандагони пардохт**

Супорандагони пардохт шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд.

**Моддаи $63^{31}$. Имтиёзҳо**

Аз супоридани пардохт озод карда мешаванд:

- намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия гардидаанд, бо шарти аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бозпас баровардани воситаҳои нақлиёти автомобилии қаблан вориднамудаи онҳо;

- воситаҳои нақлиёти автомобилие, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан ворид карда шудаанд.

**Моддаи $63^{32}$. Меъёрҳои пардохт**

Меъёрҳои пардохт барои нобудсозӣ (утилизатсия)-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 2014**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 462**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси**
**намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 26 декабри соли 2023, № 1191**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НИЗОМИ ИҶОЗАТДИҲӢ»

**Моддаи 1.** Ба ҷадвали 2 замима ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 22 июни соли 2023 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2023, №4-6, мод. 152) сатри $48^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| $48^1$. Шаҳодатнома оид ба воридоти бензин | | 10 (даҳ) | 60 000 (шаст ҳазор) | 60 000 (шаст ҳазор) |

»

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 2015**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 27 декабри соли 2023, № 445**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 26 декабри соли 2023, № 1193**

# МЕЪЁРҲОИ ПАРДОХТ БАРОИ НОБУДСОЗИИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТИ АВТОМОБИЛӢ МУҚАРРАР ШУД

**(Идома аз саҳ. 1)**

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» пешниҳод шудааст.



Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади дастгирии молиявии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» ва дар ин замина, беҳтар намудани сатҳи хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва сайёҳон таҳия гардидааст.

Тибқи лоиҳа, нисбат ба техника ва таҷҳизоти замонавӣ (трап, лифтҳои махсус барои мусофирон, эскалаторҳо, автокран, таҷҳизоти баркдиҳандаи ҳавопаймо), ки аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» барои азнавсозии аэровокзали фурудгоҳ ворид мешаванд, озодкунӣ аз пардохти 50 фоизи меъёри муқарраршудаи андоз аз арзиши иловашуда ва аз боҷи гумрукӣ пешбинӣ шудааст.

Қабули қонуни мазкур ба беҳтар гардидани сатҳи хизматрасонии фурудгоҳӣ ва ба ин васила ба стандартҳои Ташкилоти байналхалқии авиатсияи гражданӣ мутобиқ гардидани ҷузъу томҳои фурудгоҳ мусоидат менамояд. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

**Азиз ГИЁЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Қабули лоиҳаи қонуни мазкур ба баланд бардоштани сатҳу сифат ва маданияти хизматрасонӣ ба мусофирон, таъмини сатҳи баланди бехатарии авиатсионӣ ва бехатарии парвозҳо, бахусус ҷиҳати мутобиқ намудани фурудгоҳ ба талабот ва стандартҳои байналмилалӣ, мусоидат менамояд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо тартиби муқаррargардидаи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми расмиёти дохилиро гузашта,



ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» оғоз менамоем. Сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» бо мақсади таъмини бехатарии экологӣ, ҳифзи саломатии шаҳрвандон ва муҳити зист аз таъсири зарари партовҳо, инчунин дарёфти сарчашмаҳои иловагӣ ба қисми даромади буҷети давлатӣ таҳия гардидааст.

Омӯзиши қонунгузории давлатҳои ҳамсоя ва шарикони асосии тиҷоратӣ нишон дод, ки бо мақсади таъмини бехатарии экологӣ дар ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Беларус ва Федератсияи Россия пардохт барои нобудсозии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ҷорӣ шудааст, ки он пардохти яккарата мебошад.

Ситонидани хироҷ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» амалӣ карда шуда, дар ин замина ба қонуни мазкур вобаста ба ҷорӣ намудани пардохт барои нобудсозии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ иловаҳо пешбинӣ гардидааст. Тибқи қисми 1 моддаи 1 лоиҳаи қонун пардохти мазкур аз ҷониби мақомоти бозрасии давлатии автомобилӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ситонида мешавад. Пардохти мазкур аз ҳар як воситаи нақлиёти автомобилӣ як маротиба ситонида шуда, аз натиҷаи он ба соҳиби воситаи нақлиёт ҳуҷҷати тасдиқкунанда дода мешавад, ки он то давраи нобудсозии воситаи нақлиёти автомобилӣ эътибор дорад. Меъёри пардохтҳои ҳатмӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми ноябри соли 2007 таҳти №546 муқаррар карда шудаанд. Бинобар ин, дар лоиҳаи қонуни мазкур муқаррарот барои аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидани меъёрҳои пардохт барои нобудсозии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пешбинӣ шудааст.

Иқдоми мазкур барои ворид гардидани маблағҳои иловагӣ ба буҷети давлатӣ замина гузошта, барои татбиқи чорабиниҳои дахлдор бобати таъмини вазъи мусоиди экологӣ дар кишвар мусоидат менамояд. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғиёсиддин Ашӯрзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШӮРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Мақсад аз ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкур муқаррар намудани пардохт барои нобудсозии воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва дарёфти сарчашмаҳои иловагӣ ба қисми даромади буҷети давлатӣ мебошад. Ҳамзамон, нисбат ба як гурӯҳ истифодабарандагони воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, аз ҷумла намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия гардидаанд, бо шарти аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бозпас баровардани воситаҳои нақлиёти автомобилии қаблан вориднамудаашон, имтиёз муқаррар мешавад.

Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ карданд. Он тамоми расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Аз шумо - вакилони арҷманд хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» шурӯъ менамоем. Сухан ба директори Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Темурҷон Абдулваҳҳобзода дода мешавад. Марҳамат.

**Темурҷон АБДУЛВАҲҲОБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Зарурат барои ворид намудани илова, ба ҷадвали 2 замима ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» сатри $48^1$ пешниҳоди шаҳодатнома барои воридоти бензин дар он аст, ки Агентии «Тоҷикстандарт» дар доираи ваколати пешбинигардида барои додани шаҳодатномаи воридоту ба муомилот баровардани бензин як қатор расмиёт ва санҷишҳоро мегузаронад, аз ҷумла ҳолат ва шароити нигоҳдории маҳсулот, сатҳи хизматрасонӣ, воситаҳои ченаки дар нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ истифодашаванда, мавҷуд будани иҷозатномаи вазорату идораҳои дахлдор, сертификати низоми менеҷменти сифат, хулосаи экологӣ, хулосаи бехатарии оташнишонӣ ва амсоли ин, ки дар маҷмӯъ бехатариро таъмин мекунанд. Бинобар ин, ворид намудани илова ба замимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» саривақтӣ буда, барои таъмини бехатарии маҳсулот ва танзими иқтисоди мамлакат мусоидат менамояд. Бо камоли эҳтиром хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур, ба ҷадвали 2 замима ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» (Феҳристи ягонаи давлатии иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, санадҳои тасдиқ ва мувофиқасозӣ, огоҳиномаҳои гирифташаванда) сатри $48^1$, ки ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо тааллуқ дорад, илова ворид гардида, минбаъд барои додани шаҳодатнома оид ба воридоти бензин, ба мақоми мазкур ваколат дода мешавад.

Дар ин замина, хироҷ барои баррасии ариза 10 (даҳ) нишондиҳанда барои ҳисобҳо, хироҷ барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ 60 (шаст) ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва хироҷи минбаъдаи ҳарсола барои нигоҳ доштани эътибори ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ низ 60 (шаст) ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар мегардад.

Бо қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22-юми декабри соли 2023 лоиҳаи қонуни мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон барои баррасӣ, барои додани хулоса ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, инчунин барои додани хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намудаанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст?

Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолонаатон миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

---

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# АЗ ОМӮЗИШИ ГЕОЛОГӢ ТО АЗНАВҲИСОБКУНИИ ЗАХИРАҲО

## Мусоҳиба бо сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомҷон Оймуҳаммадзода



**- Бори аввал кадом сол ба захираҳои зеризаминии Тоҷикистон таваҷҷуҳ зоҳир шуд?**

- Омӯзиши геологии Тоҷикистон се марҳиларо дар бар мегирад. Марҳилаи якум ибтидои омӯзиши геологии Тоҷикистон мебошад, ки ба солҳои бистуми асри XIX рост меояд. Марҳилаи дуюм аз соли 1928 оғоз гардида, то соли 1992 давом ёфтааст. Дар ин марҳила кон ва зуҳуроти канданиҳои фоиданоки аҳамияти саноатидошта кашф шудаанд. Марҳилаи сеюм замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон мебошад, ки дар ин давра таҳлили корҳои пешин гузаронида шуда, оид ба омӯзиши минбаъда барномаҳои давлатӣ қабул гардиданд. Ҳамзамон, дар ин марҳила захираҳои саноатии кону зуҳуроти навъҳои гуногуни канданиҳои фоиданок тасдиқ шуда, дар Фонди давлатии иттилооти геологӣ оид ба қаъри замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуданд.

Яке аз усулҳои асосии ҷустуҷӯи канданиҳои фоиданок аксбардории геологии ҳудудӣ мебошад. Ҳудуди Тоҷикистон бо аксбардории геологии хурдмиқёси 1:1000000 ва 1:500000 ва аксбардории миёнамиқёси 1:200000 пурра фаро гирифта шудааст.

Бояд зикр намуд, ки аксбардориҳои геологӣ бо ҷустуҷӯиҳои умумӣ миқёси 1:50 000 ва калонтар, танҳо дар ҳудудҳое гузаронида мешаванд, ки дар натиҷаи аксбардории геологии миқёси 1:200000 имкони пайдо намудани конҳо ва зуҳуроти канданиҳои фоиданок зиёд аст. Бинобар ин, дар ин намуди корҳо сатҳи гузаронидани аксбардории геологии мамлакат қонеъкунанда мебошад.

**- Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кадом самтҳо корро пеш мебарад?**

- Саридораи геология тибқи «Барномаи давлатии рушди соҳаи геология барои солҳои 2021 - 2030» фаъолиятро ба роҳ мондааст.

Самтҳои фаъолияти саридора, пеш аз ҳама, ба корҳои аксбардории геологӣ, ҷустуҷӯӣ ва иктишофи геологӣ ҷиҳати кашф ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданоки сахт бо мақсади афзун намудани захираҳои канданиҳои фоиданок барои таъмини эҳтиёҷоти иқтисодиёти давлат бо захираҳои ашёи минералӣ, корҳои гидрогеологӣ, геологияи муҳандисӣ ва геоэкологӣ, пешбурди системаи ягонаи фонди иттилооти геологӣ ва гузариш ба стандартҳои байналмилалии ҳисобот ва ҳисоби захираҳо бо истифода аз барномаҳои муосири компютерии соҳавӣ равона шудааст.

Мақсади асосии «Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ба муайян намудани самтҳои асосии омӯзиши геологӣ, азнавбарқароркунӣ, истифода ва ҳифзи захираҳои ашёи минералӣ, назорати равандҳои хатарноки геологӣ, омӯзиш ва мониторинги обҳои зеризаминӣ мебошад.

Вазифаи дигаре, ки Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба ҳадафҳои барнома бояд иҷро намояд, арзёбии маҷмӯӣ ва дурнамои ҳолати муҳандисӣ-геологӣ, гидрогеологӣ ва истифодаи захираҳои табиӣ ва тибқи тартиби муқарраргардида бо ахбороти зарурӣ таъмин намудани мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва аҳолӣ мебошад. Дар ин самт дар барнома се лоиҳа пешбинӣ гардида, аз ҷониби корхонаҳои воҳидии саридора амалӣ шуда истодааст.

Саридора дар самти гузариш ба таҳияи ҳисоботи геологӣ оид ба ҳисоби захираҳои канданиҳои фоиданок тибқи стандартҳои байналмилалӣ – Кодекси Кумитаи муштараки захираҳои маъдан (Кодекси JORC) ва қолаби Кумитаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботдиҳӣ оид ба захираҳои канданиҳои фоиданоки сахт (қолаби CRIRSCO) ва истифодаи барномаҳои муосири технологияҳои рақамӣ (GIS, Micromine, Datamine ва Surpac) нақшаву чорабиниҳо таҳия намуд. Бо ин мақсад 4-5 августи соли 2022 дар шаҳри Душанбе «Конференсияи панҷуми байналмилалии истифодабарандагони Micromine» баргузор гардид, ки дар он аз Австралия, Канада, Федератсияи Россия, Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, ҳамчунин намояндагони вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳое, ки ба омӯзиш ва истифодаи қаъри замин алоқамандӣ доранд, иштирок намуданд. Ҳамзамон, бо иштироки намояндагони Ширкати «Micromine Central Asia» дар Тоҷикистон тренинг ва курсҳои омӯзиширо аз рӯи барномаи «Micromine» солҳои 2022-2023 ташкил гардида, ин иқдом идома дорад.

**- Корҳои иктишофии геологӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?**

- Омӯзиши геологии сарватҳои зеризаминӣ тибқи «Барномаи давлатии рушди соҳаи геологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» аз рӯи 56 лоиҳа пешбинӣ шудааст. Дар давоми се соли амалишавии барнома 58,9 фоизи объектҳои барномавӣ фаро гирифта шуданд.

**- Аксари захираҳои Тоҷикистон дар замони шӯравӣ ҳисоб шудаанд. Оё зарурати азнавҳисобкунии онҳо пеш омадааст?**

- Бале. Дар замони муосир, бо пеш рафтани технологияи ҷудо намудани ҷузъи созандаи фоиданок аз маъдан, баланд шудани арзиши фулузот ва талабот ба он ва дигар сабабҳо зарурати азнавҳисобкунии захираи конҳои дар замони шӯравӣ тасдиқшуда ба миён омад. Дар якчанд конистихроҷшуда ин раванд бардавом аст.

**- Оё захираҳои нафту гази кишвар пурра ҳисоб шудааст?**

- Тадқиқоти геологии нафту гази Тоҷикистон соли 1908 оғоз шуд. Корҳои иктишофии мақсаднок оид ба азхудкунии конҳои нафт аз соли 1908, вақте ки дар майдони Селроҳаи шаҳри Исфара (минтақаи нафту газдори Фарғона) аз жарфии 248 метр ҷоришавии нафт бо масрафи 7 тонна дар як шабонарӯз муайян гардид, ибтидо гирифт. Айни замон дар Фонди давлатии иттилооти геологӣ оид ба қаъри замини Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 кони нафту газ бо захираҳои тавозун ба қайд гирифта шудаанд.

Конҳои ошкоршуда бисёрқабата мебошанд, асосан онҳо ба таҳшинҳои давраи палеоген, бур ва юра тааллуқ доранд, Холигиҳое, ки макони ғуншавии карбогидратҳо мебошанд, аз регсангҳо, алевролитҳо ва оҳаксангҳо иборатанд.

Аз ҳаҷми умумии захираҳои дурнамоишуда танҳо 2,6 дарсади он кашф гардида, зиёда аз 50 майдони ояндадори нафту газ ба омӯзиши геологӣ ниёз доранд.

Бо мақсади рушди саноати нафту гази ҷумҳурӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба нафту газ» қабул карда шудааст. Қонун асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ ва сиёсати давлатиро дар соҳаи нафт ва газ муқаррар ва танзим намуда, ба рушди соҳаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

**- Дар соҳаи геология чанд нафар машғули коранд ва бо кор таъмин намудани кадрҳо дар кадом сатҳ қарор дорад?**

- Дар Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои тобеи он зиёда аз 700 нафар кормандон фаъолият мекунанд, ки аз ин шумора 300 нафарро мутахассисони соҳавӣ ва боқимондаро кормандони бахши техникӣ ва ёрирасон ташкил медиҳанд. Дар соҳа 200 нафар зан фаъолият дошта, шумораи ҷавонон зиёда аз 223 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳар сол дар мавсими корҳои саҳроӣ аз ҷониби сохторҳои саридора тибқи шартнома зиёда аз 100 мутахассис, донишҷӯён ва кормандони техникӣ ҷалб мешаванд.

**Мусоҳиб Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум»**

# ХИРАД ВА ТАФАККУРИ ТАҲЛИЛӢ МЕБОЯД

**Мусаллам аст, ки вазъият ҳамеша ба ҷомеа ва инсонҳо таъсиргузоранд. Ҳар гуна вазъи пешомада - чӣ ҳаводиси табиӣ, чӣ ҳаводиси иҷтимоӣ ба афроди дар ин маҳдудаи маконӣ ҷойгиршуда таъсири хешро мерасонад. Ҳамин аст, ки афрод вобаста аз шароити ҷуғрофию сиёсӣ ва таърихӣ, тарзи баровarda кардани ниёзҳои моддӣ, хислату хосиятҳоеро ба худ касб мекунанд, ки онҳо вобастаи ҳамин авзоянд.**

Ҳеҷ дарёи ороме маллоҳи моҳиру пуртаҷрибаеро ба миён намеорад. Ҳар қадар дарё пурталотуму ноором бошад, ҳамон андоза маллоҳ таҷриба пайдо менамояд. Яъне, ин ба он маъност, ки ширинии фаҳм ба таҷриба аз ранҷ кашидан ва заҳмат ҳосил мешавад. Аз ин рӯ, агар дар думболи ҳадафе неруи инсонӣ барои расидан ба он равона намешаванд, ин ҳадаф ба шиор табдил диҳанд, онҳо бо ҳамон андешаҳои аз ҷониби мутаваллиёни бовармандӣ ироашуда худро таскин медиҳанд. Аз ҷониби дигар, дар дарозои таърих чунин раванде сурат гирифтааст, ки мардум бо такя ба арзишҳои бовармандӣ, худро аз андешидан, ҷустан ва ба чашми худ дидани ҷаҳон мунсариф намудаанд. Ҳар он чӣ аз ҷониби гурӯҳҳои муташаккили боварманд ироашударо бе ягон асос ба ҳайси ҳақиқатҳои мутлақ қабул намудаанд.

Вақте як инсон наметавонад чигунагии неку бад ва ё саҳеҳу ғалатро дар мизони андеша ва хиради худ баркашад, ӯ ҳатман пойбанди гуфтаҳои дигарон боқӣ мемонад. Ин на танҳо дар гузашта, балки дар ҷаҳони иттилоотие, ки ҳоло мо ба сар мебарем, низ чунин аст. Баъзан мардум ахбори дар шабакаҳои иҷтимоӣ ё тариқи расонаҳои гуногун баррасишавандаро бидуни ҳама гуна таҳлилу баррасӣ қабул менамоянд. Гоҳо чунин ба назар мерасад, ки он намуд, ки он аз куҷо маншаъ мегирад ва омилу сабабҳои он кадомин меъёрҳоянд. Аз ҷониби дигар, баррасии ин ё он мавод, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ ё дунёи маҷозӣ сурат мегирад, то чӣ андоза бар нафъи манофеи миллӣ ё баръакс бар зарари онанд, зеро дар ҷаҳони имрӯза вобаста аз даъвою талошҳо бузургманишҳо ва интисоби фарҳангӣ миллатҳои гуногун кӯшиш ба харҷ додаанд, таърих, фарҳанг ва вуҷуди давлату миллати моро қурбонии манофеи худашон намоянд. Аз ин рӯ, бояд ҳар гуна иттилоъ, ки тариқи расонаҳои гуногун интишор мешавад, аз ду дидгоҳ мавриди қазоват қарор бигирад. Аз дидгоҳи онҳое, ки чунин навъи хабарро пахшу нашр мекунанд, аз тарзи пахш кардан то ба расонидани самъи шунавандаю хонанда чиро интизоранд ва чӣ манфиат доранд. Аз тарафи дигар, аз диди манофеи миллии кишвари мо, ки пахши чунин хабар бо чунин шева то чӣ андоза манфиатҳои миллии моро дар хатар мегузорад ва барои барҳам задани суботи иҷтимоӣ оварда мерасонад. Ин ду ҳолат бояд аз ҷониби афрод дарк ва фарҳанги таҳлилӣ ва шинохти қазовати дуруст дар онҳо ташаккул дода шавад.

меёбад. Шиор додан барои расидан ба ҳадаф, танҳо амали худфиребӣ ва ҷаҳолатест, ки аслан корсоз набуда, наметавонад барои расидан ба ҳадаф амали дурустеро дар пайи худ оварад. Бо шиор бидуни амалкард намешавад ба дарвозаи шууру хирад ворид гардид. Барои расидан ба ҳар ҳадаф, бояд риёзати ақлу андеша кашид, ҳама падидаю воқеиятро дар ҷойи худ таҳлил сохт, аз он натиҷа гирифт ва боз ҳам ба самти расидан ба ҳадафи дигар неруҳои инсонии худро сафарбар сохт. Яъне, ин ба он маънист, ки ҳеҷ бузургию шаҳомат бидуни худсозӣ, заҳмат кашидан ва кӯшиши пайваста ба даст намеояд. Инсон, пеш аз ҳама, дар пӯёию ҷӯёӣ, хирадсолорӣ, таҳлили амиқи илмии вазъиятҳо метавонад арзиши падидаю ашёҳоро ёбаду ҷойгоҳи хешро дар ин олам дарк намояд. Ҳамчунин, дар бобати арзиши инсонии худ ва дар маҷмӯъ инсоният хулоса намояд. Вақте дар ҷомеае на аз роҳи хирад, балки ба воситаи гумону бовар ва аз роҳи тарс ё ихлос ба падидаҳо муносибат менамоянд, табиӣ аст, ки дар чунин вазъият онҳо на аз воқеияти ҳодисаю рухдод, балки ҳолати ворунаи дар зеҳнашон эҷоднамударо маърифат меҳисобанд. Ҳувияти бахше аз мардум низ дақиқан ҳамин гуна ташаккул меёбад.

Ҳар гуна амал бе ҳадаф ва бидуни хирад пойдор буда наметавонад. Ҳатто дӯст доштани чизе ё фарде низ ба дарки хирадиву шуурӣ метавонад поянда бошад. Дар баробари ин, ҳеҷ шууре бидуни заҳмати хирад ҳосил нахоҳад шуд. Аз ин рӯ, ҳар фард бояд назди худ масъулият дошта бошад, то ҳадафе мегузорад ё амалеро, ки анҷом медиҳад, онро бо роҳи хирад таҳлил намояд. Дар доираи фаҳму шуури худ ба он бархӯрд намуда, пайваста дар ҷустуҷӯи паҳлуҳои гуногуни норавшани ҳамон ашё шуғл варзад. Мусаллам аст, ки донистан аз ҷӯёӣ, пажӯҳиш, хондан ва мушоҳидаю таҷриба ба даст меояд. Аз ин рӯ, бояд пайваста хонд, таҷриба кард ва таҳлилу баррасӣ намуд, то ҳақиқати падидаю ашёҳоро дарёбем. Иштибоҳоти хешро дарк кунем ва то ҳадде метавонем онҳоро бо тасмимгириҳои оқилона ислоҳ намоем. Инсоне, ки аз ин мафҳумҳо дарку фаҳм намекунад, ҳатман дар зери таъсири андешаи дигарон мемонад.

Мутаассифона, дар ҷомеае, ки аксарро авом ташкил медиҳанд, чунин муносибат ба назар мерасад. Чун авом ҳеҷ гоҳ намехоҳанд худро заҳмат чӣ аз ҷониби расонаҳои гуногун пахшу нашр мешавад, гӯё барои манфиати онҳо кор мекунад, вале ин як воқеияти фиребо аст. Ҳеҷ гоҳ ҳеҷ қавме ва миллате дилаш ба ҳоли шумо насӯхтааст ва намесӯзад.

Дар ҷаҳони имрӯз ҳама гуна муносибат танҳо ба хотири манфиатҳои давлатҳои муайян сурат мегиранд ва ҳар давлате бо давлати дигар дар доираи манфиатҳои миллиаш муносибатҳоро анҷом медиҳад. Дар тӯли таърих низ чунин будааст, ки ғосибон ва қавмҳое, ки ба сарзамини мо омаданд, ҳамеша кӯшиш ба харҷ доданд, то аз мардуми мо ба хотири манофеашон истифода намоянд. Онҳо ҷиҳати нигоҳдошти қудрати сиёсии хеш аз гузинаҳои гуногун истифода намудаанд ва, аз ҷумла, яке аз ин гузинаҳоро тарвиҷи афкори боварманду хурофотӣ ташкил медиҳад. Онҳо аз содабоварии мо истифода намуда, ҳамеша бо роҳи парокандани дурӯғ, тарс ва дунёи дигару амсоли ин мардуми моро дар маҳдудаи фикрию андеша қарор додаанд. Бовармандиро ба ҳайси ҳақиқати мутлақ таблиғ намуда, роҳе ба рӯи андешиданро ба мардуми мо нагузоштаанд. Ҳол он ки бояд ҳар фард худ дарк намояд, ки хуб ё бад будан дар ҳар кор ё умуре меъёри зеҳни инсонист.

Аз назари равоншиносӣ барои як фард зарур аст, аввалан шинохти худ ва арзишҳои фардиашро мушаххас кунад ва ононро мавриди бозбинӣ аз назари ақлу мантиқ қарор бидиҳад. Агар фард ба арзишҳои тарбиятие, ки худ вориди он аст, аз диди илмӣ бархӯрд кунад, он ҳам тавассути усулҳои илми равоншиносӣ ором - ором ба диди наве нисбат ба рафтор ва амалкардҳояш дар ӯ ба вуҷуд меояд. Равоншиносӣ илми таҳлил аст, на илми ваколату қазоват. Аз ин рӯ, ҳар фардро зарур аст, андешаи таҳлилӣ дошта бошад. Вобаста ба ин фард вақте дар тарбияи хиради таҳлилии худ мерасад ва падидаю воқеаҳоро аз меъёрҳои мушаххаси ақлӣ таҳлил менамояд, дигар барои ӯ ҳеҷ чиз дар шакли мутлақ нек ё бад буда наметавонад. Ҳар падида дар доираи таҳлиле метавонад ҷанбаҳои нек ва ё баръакс дар тарзи дигари таҳлил ҷанбаҳои баде дошта бошад, яъне ҳеҷ чизи дар олам мавҷуд наметавонад сад дарсад нек бошад ва ё сад дарсад бад бошад.

Дар ҷаҳони муосир ҳар иттилое, ки пахш мешавад онро бояд аз диду салиқаи илмӣ таҳлил кард ва натиҷагирӣ миллии моро дар хатар мегузорад ва барои барҳам задани суботи иҷтимоӣ оварда мерасонад. Ин ду ҳолат бояд аз ҷониби афрод дарк ва фарҳанги таҳлилӣ ва шинохти қазовати дуруст дар онҳо ташаккул дода шавад.

Ҳар қадар сатҳи шууру тафаккури афрод илмитар, оқилонатар ва таҳлилитар бошад, онҳоро мағзшӯӣ кардану гумроҳ намудан бисёр мушкил аст. Чунин навъи тарбия боз ҳам бармегардад ба сатҳи ҷаҳонбинӣ ва омӯзиши дурусти илмӣ аз воқеиёти табиию ҷамъиятӣ, ки марбут ба низоми маорифи як кишвар аст. Ҷое нодонӣ, камшуурӣ ва ҷаҳлу хурофот дар низоми баланд қарор доранд, дар он ҷо шуур ва фаҳми манофеи худ ва ҳувияти миллӣ вуҷуд надорад. Аз ин хотир, бозингарони беруна ҳамеша бо роҳи тавтеапароканӣ омӯзишҳои иҷтимоии хислатӣ, иллатшиносӣ, низоъӣ ва равонии мардуми ин минтақаро омӯхта, вобаста ба ин дар доираи фаҳму дарки онҳо, инчунин, стреотипҳои рафториашон хабару маълумоти коркардшударо ҳадафнок равона месозанд. Онҳо корашонро оқилона, огоҳона ва ҳирфаӣ анҷом медиҳанд. Ҷиҳати дигари масъала ин аст, ки онҳо ҳар амалеро анҷом медиҳанд, ба хотири ҳифз ва тавсеаи манофеи миллиашон анҷом медиҳанд ва дар мавқеи худ онҳо ҳақанд, вале барои мо агар ба даст боз бармегардад ба худи мо. Ин маънии онро дорад, ки то мо худро ислоҳ накунем, ҳушёру огоҳ аз ҳаводиси ҷаҳон набошем, мусаллат бо донишҳои имрӯзаи ҷаҳонӣ набошем, бо мо чунин муносибат хоҳанд кард. Пас вобаста ба ин муқаддимот моро зарур аст то таҳлили осебшиносии иҷтимоӣ дошта бошем ва онро ҳам дар дарозои таърих, ки сабаби шикасту зери бори дигарон рафтани мардуми мо шудаанд, мавриди таҳлил қарор диҳем. Дигар ин ки дар ин дарозои таърихӣ кадомин унсурҳои бегона, сабаби заъфи тафаккуру андешаи миллати мо гардида, боиси вопасгароӣ, дармондагӣ ва мисли айсберге монеи рушди миллат гарданд. Ба назари инҷониб, дар шароити кунунӣ моро зарур аст маҷмӯи андеша, арзишҳо, ҷаҳонбинӣ, навъи рафтор, бархӯрд ва навъи қазоват дар сатҳи миллӣ таҳлил ва қазовати илмию воқеӣ пайдо намоянд. Арзёбии дақиқу илмии онҳо ба манфиати миллату кишвар хоҳад буд.

**Исомуддин ШАРИФЗОДА, номзади илмҳои фалсафа**

# АЗ КАШФИ ИСТЕЪДОДҲОИ НАВ ТО МУШКИЛИ ДАСТРАСӢ БА АДАБИЁТ

**Имсол панҷумин Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» ҷамъбаст гардид. Бо шарофати озмун, ки бо ибтикори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ шуд, ҷойгоҳи китоб дар ҷомеа дигарбора боло рафт. Озмун мардумро ба китобхонӣ таҳрик доду фурӯғи маънавиро дар ҷомеа афрӯхт. Инак, панҷ сол аст, ки дӯстдорони китобро аз дурдасттарин рустоҳо дар пойтахти кишвар ба ҳам меорад. Панҷ соли баргузории озмунро метавон панҷ соли кашфи истеъдодҳои наву умедҳои тоза номид, умедҳое, ки ояндаи ҷомеаи моро бо донишу фаҳмишу фаросате, ки аз китоб бардоштаанд, рӯшантару шукуфотар аз дирӯзу имрӯз хоҳанд кард. Бузургтарин ҳадафи озмуни мазкур ҳамин аст.**

### МУШОҲИДАҲО НИШОН МЕДИҲАНД, КИ…

Аз соли 2019 масъулин чораҳои зиёд андешидаанд то обрӯи озмун боло равад. Ҳайати ҳакамони нуктасанҷи озмун, ки аз зумраи донишмандони кишваранд, ба минтақаҳо сафар намуда, истеъдодҳоро кашф ва ба даври ҷумҳуриявӣ роҳнамун месозанд. Умуман, ҳар тадбире, ки ба нафъи ин чорабинии муҳими фарҳангӣ мебошад, он татбиқ мегардад, ки ба манфиати кор аст. Аз ҷумла, дар тӯли панҷ сол номинатсияҳои озмун тағйир ёфтанд. Маблағгузорӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд доир шудани чорабинӣ зиёд ва имтиёзҳо бештар пешбинӣ гардид. Ғолибони даври чорум ва барандаи «Шоҳҷоиза» баъд аз хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба донишгоҳ ва ихтисоси интихобкардаи худ, бидуни санҷиш, ройгон қабул мешаванд. Соли аввали баргузории озмун барандаи «Шоҳҷоиза» бо 50 ҳазор, соли дуюм бо 60 ҳазор сомонӣ сарфароз гардид. Ин маблағ ҳоло 70 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Ин сол маблағ барои мукофотонидани ғолибон ва баргузории озмун 850 ҳазор сомонӣ зиёд шуда, дар маҷмӯъ се миллиону ҳаштсаду наваду панҷ ҳазор сомониро ташкил дод.

Ҷиҳати ҳавасмандсозии шумораи зиёди иштирокчиён ин сол миқдори ҷойҳои 3-юми ғолибони ҳамаи номинатсияҳо аз ду ба се нафар ва ғолибони ҳар номинатсия ба 6 нафар расид. Ҳамин тариқ, шумораи умумии ҷойҳои ифтихорӣ барои ғолибони даври ҷумҳуриявӣ аз 95 ба 121 афзуд. Омӯзгороне, ки шогирдони онҳо дар даври чоруми озмун ғолиб мегарданд, бо маблағ, нишони ифтихории «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ифтихорнома»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Ифтихорнома»-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз мешаванд. Имсол шумораи мукофоти пулӣ барои омӯзгороне, ки шогирдонашон дар даври чоруми озмун ғолиби ҷойҳои 1, 2, 3 ва «Шоҳҷоиза» мегарданд, 15 адад зиёд гардида, ба 61- то расид. Волидоне, ки фарзандонашон дар сабқат пирӯз мешаванд, бо нишони «Маорифпарвар» қадр мегарданд.

Назари коршиносон ва ҷомеа ба озмун комилан мусбат аст. Онро муҳимтарин падидаи фарҳангии панҷ соли охир ва муҳимтарин воситаи ҷалби на танҳо хонандагону донишҷӯён, балки тамоми ҷомеа ба омӯзиш арзёбӣ менамоянд. Андеша доранд, ки дар озмун касе мағлуб намешавад, чунки агар иштирокчӣ дар озмун ғолиб наояд ҳам, мутолиаи китобҳо барояш манфиатовар аст ва донишҳои андӯхтааш роҳнамои зиндагӣ мегардад. Воқеан, дар замоне, ки вазъияти сиёсии ҷаҳон печида асту аз ҳар ҷониб талошҳои ба тафаккури насли наврасу ҷавон таъсиррасонӣ ва ба гурӯҳҳои ғаразнок ҷалб сохтани онҳо мушоҳида мегардад, роҳандозии чунин як озмуни ҷомеапарвар ба манфиати имрӯзу ояндаи кишвар аст.

Аз ин лиҳоз, иқдоми наҷиби Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ибтидо таваҷҷуҳи сокинони кишварро ҷалб намуд ва мардум иштирок дар ин сабқатро ифтихор медонанд. Самари озмун ҳам аллакай дар ҷомеа эҳсос мегардад. Волидон фарзандонашонро ба китобхонӣ талқин мекунанд. Китобу китобхонӣ тавассути радио, телевизион ва дигар воситаҳои ахбори омма аз пештара бештар тарғиб мегардад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ навишта ва барномаҳои зиёдро метавон вохӯрд, ки рисолати аслиашон китобхон кардан ва бо ин роҳ бедор намудани мардум мебошад.

Ҳафиз Раҳмон, ки ба ҳайати ҳакамони озмун шомил аст, баъд аз маросими ҷамъбаст ва ҷоизасупории озмуни имсолаи «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» пешниҳод намуд, ки он озмуни миллӣ эълон шавад. Устод дар ин бора дар саҳифаи фейсбукии худ чунин навишта: «Ин тадбирро аз ҳама тадобирҳои дигар бояд болотар гузошт, бояд онро озмуни миллӣ эълон кард… онро муҳташамтар, комилтар, зеботар ва фарогиртар бояд кард...».

### ДАСТРАСӢ БА КИТОБ ҲАМОНО МУШКИЛ БОҚӢ МЕМОНАД

Хоса ин мушкил барои довталабоне, ки дар навоҳӣ зиндагӣ мекунанд, зеро довталаб дар сурате ба озмун омодагии хуб мегирад, ки ба адабиёти тавсияшуда дастрасӣ дошта бошад. Китобхонаҳои мо, махсусан дар навоҳӣ, ба қадри кофӣ ба адабиёт таъмин нестанд ва ба ин сабаб довталабон ба баъзе китобҳое, ки хонандашон барои ширкат дар озмун воҷиб аст, дастрасӣ надоранд.

Соли гузашта Шаҳло Сайдалиева (хонандаи синфи 11-и муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 8-и ноҳияи Данғара) соҳиби «Шоҳҷоиза»-и озмун дар соли 2022 ба мо аз дастрас набудани баъзе адабиёт изҳори нигаронӣ намуда буд.

- Модарам ва устодам адабиётеро, ки тибқи низомнома хонданашон воҷиб аст, аз китобхонаи марказӣ ва китобхонаи Қасри фарҳанги ноҳия ба ман дастрас намуданд. Хусусан, осори адибони ҷаҳонро. Аммо китобҳое буданд, ки аз ноҳия дарёфти онҳо мушкил буд. Ба ин хотир, беш аз як моҳи қабл аз даври ниҳоии озмун дар Китобхонаи миллӣ будам, - афзуд ӯ.

Ғолиби мутлақи озмун дар соли 2020 Раъно Насриддинова, ки дар Сор - дурдасттарин деҳаи Панҷакент зиндагӣ мекунад, аз набудани китобхона дар деҳаашон нигаронӣ мекард. Ин сол низ довталабон ошкоро гуфтанд, ки китобҳои заруриро намеёбанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барои бартараф намудани ин мушкил бояд чораҳои зарурӣ андешанд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# ЧОЙИ ТАЛХ РАВШАН КУНАД ТАБЪИ СУХАНДОНРО

**Чой дар рӯзгори мо - тоҷикон нӯшокии асосӣ маҳсуб меёбад. Ҳар кадоми мо дӯстонамонро ҳангоми мулоқот ба «як пиёла чой» даъват мекунем ва зимни ба сари дастурхон нишастан пеш аз ҳама, чой мефармоем.**

Тибқи маълумоти таърихӣ, кашфи чойи кабуд аз Хитой оғоз ёфта, баъдан дар давлатҳои Осиё ва Аврупо паҳн гардидааст. Чойро дар Хитой 2500 сол то мелод чун растании доругӣ парвариш мекарданд. Ноҳияҳои бешазори Ассам, Бирма, Юнон, Хитой ва Ветнами Шимолиро ватани чой меҳисобанд. Португалиҳо дар асрҳои XV - XVII аз Осиёи Шарқӣ чойро ҳамчун дору ба минтақаи Аврупо бурданд. Дар Осиёи Миёна чой охири асри XIX пайдо шудааст.

Ҳар сол дар Ҳиндустон то 500 ҳазор тонна, Шри-Ланка - 215 ҳазор, Хитой - 200 ҳазор ва дар ИДМ 72 ҳазор тонна чой истеҳсол мешавад.

Чойи кабуд аз кофеин ва полифенолҳо бой буда, дар таркибаш микроэлементҳои дигар, ба монанди каротиноид, токоферол, кислотаи аскорбин (ё ин ки витамини С), хром, манган, селен ва руҳ, мавҷуд аст. Ба қавли табибон, ин намуди чойи барои ғизодиҳии микрофлораи рӯдаҳо, ба ҷигар таъсири мусбат мерасонад, инчунин барои фаъолияти муътадил ва рафъи иллатҳои дилу рагҳо, милки дандон, санги гурда, саратон, диабети чашм, касалии қанд ёрӣ мерасонад. Ба қавли шоир Абдулқодирхоҷаи Савдо:

**Зи ҷӯши чойҷӯшам ин нидо**
**дар гӯш меояд,**
**Ки чойи талх равшан**
**мекунад табъи сухандонро.**

Дар китоби шодравон Ҳомидҷон Зоҳидов «Канзи шифо» чой чунин тавсиф шудааст: «Чойи кабуд дар



мизоҷ сард ва хушк аст ва мизоҷи чойи сиёҳ гарм ва хушк мебошад. Хислатҳои шифобахши он: нӯшидани чойи сиёҳ қувват мебахшад.

Нӯшидани чой хунро соф мегардонад, ранги рӯйро неку месозад ва мадад мерасонад, ки давоҳои истеъмолгашта ба қаъри меъда ва ҷоҳои дури бадан бирасанд, меъда ва мағзи сарро аз олоишҳо пок мегардонад. Чойро аз болои таом бинӯшанд, ҳазми онро метезонад. Агар чойро бо решаи ревоҷ дар об якҷо ҷӯшонида, он обро бинӯшанд, моддаи сафро ва балғами часпакро ихроҷ мекунад».

Барои кишти растании чой иқлими Тоҷикистон мутобиқ нест, зеро чой намнокии зиёд талаб менамояд. Аммо дар кишвари мо аз қадим навъҳои гуногуни чойро аз гиёҳҳои шифобахш мавриди истифода қарор медоданд ва имрӯз ҳам мардум аз он истифода мебаранд. Ҳоло дар нуқтаҳои савдо номгӯй ва навъи зиёди чой ба харидорон пешкаш шудааст. Дар миёни онҳо чойҳои пастсифат низ кам нестанд. Хуб мебуд, ҳамватанонамон аз захираи бои табиати диёри биҳиштосоямон, яъне гулу гиёҳҳо, ки ба инсон фоидаовар аст, истифода баранд. Кокутӣ, бобуна, чойи кӯҳӣ (маҳмил), чойгиёҳ, мармарак, розиёна аз ҳамон ҷумлаанд.

Ба ақидаи гиёҳшиносон, иқлими Тоҷикистон барои парвариши чойҳои шифобахш хеле мусоид мебошад.

- Табиати биҳиштафзои мо дорои садҳо намуд гиёҳҳои шифобахш мебошад, ки онҳоро ба сифати чой мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Танҳо, ба назар гирифтан даркор, ки мизоҷи гулу гиёҳҳо гуногун аст ва зимни истифода онро бояд ба назар гирифт. Ҳоло мо аз ҳафт намуд гиёҳ, ба мисли кокутӣ, ҷамилак, бобуна, мухаллас, сунбул, сано чой омода кардем. Дар якҷояги мизоҷи ин чой муътадил мешавад,- гуфт табиби мардумӣ, адиб Муҳаммадрасул Иброҳимзода.

Пеш теъдоди чойхонаҳо хеле зиёд ва он ҷои суҳбату вохӯриҳо, истироҳату фароғат буд. Бисёриҳо ҳангоми хӯроки нисфирӯзӣ аз чой, ангур ва нон истифода мебурданд. Чунин ғизо ҳам арзон ва ҳам фоиданок буд. Ҳоло низ чой дар ҳама нуқтаҳои хӯроки умумӣ ҳаст, аммо теъдоди чойхонаҳо хеле кам шудааст. Баъзеҳо сабаби инро дар он мебинанд, ки чойхонаҳои анъанавӣ дар шароити имрӯза камдаромад аст ва хароҷоти худро намепӯшонад. Аз ин лиҳоз, ба соҳибони чунин чойхонаҳо баъзе сабукӣ ва имтиёзҳо додан зарур аст, то тавонанд фаъолияти худро дар сатҳи хубу сифати баланд роҳандозӣ кунанд.

**Бурҳониддин КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419629 | Маркази саломатии шаҳри Роғун | Доруворӣ ва масрафшавандаи тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 57 | 27.12.2023 10:50:00 |
| 2 | 419613 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Маводи хоҷагидорӣ, мошинаи ҷомашӯӣ, курсӣ ва пиёзаки гули лола | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 27.12.2023 15:35:34 |
| 3 | 419625 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Ванҷ | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.12.2023 09:25:00 |
| 4 | 419626 | Муассисаи давлатии «Боғи ҳайвоноти шаҳри Душанбе» | Чапа кардани бинои анбор, биноҳои ёрирасон, ошхона ва морхона дар муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.12.2023 09:30:00 |
| 5 | 419614 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8 ба номи Ҳ. Шерозии ноҳияи Ёвон | Таъмири ҷории бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.12.2023 16:35:10 |
| 6 | 419627 | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Корҳои таъмирӣ дар бинои «Дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.12.2023 10:20:00 |
| 7 | 419621 | Шуъбаи маорифи шаҳри Панҷакент | Лавозимоти мактабӣ, харитаю овезаҳои мактабӣ ва маводи хониш | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 137 | 15.01.2024 19:15:00 |
| 8 | 419628 | Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарӣ | Маводи хоҷагидорӣ, техникаи маишӣ, генератор, лавозимоти сантехникӣ ва барқӣ, асбоб ва лавозимоти сохтмонӣ ва маводи нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 58 | 16.01.2024 10:21:21 |
| 9 | 419608 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётӣ барои автомобилҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 76 | 16.01.2024 11:35:57 |
| 10 | 419615 | Сарраёсати молияи вилояти Суғд | Маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ ва таҷҳизоти техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 62 | 16.01.2024 18:25:50 |
| 11 | 419616 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Қисмҳои эҳтиётии нақлиётӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 16.01.2024 18:29:29 |
| 12 | 419617 | Муассисаи давлатии таълими томактабии кӯдакистони №5-и шаҳри Истаравшан | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 16.01.2024 18:35:20 |
| 13 | 419618 | Беморхонаи маркази ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Ратсия, деги барқӣ ва генератор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 16.01.2024 18:42:40 |
| 14 | 419619 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Ҷевон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.01.2024 18:52:02 |
| 15 | 419620 | Умури истеҳсоли кишоварзии ноҳияи Ашт | Қисмҳои эҳтиётӣ барои стансияи насосӣ, равғанҳои молиданӣ ва равғанҳои дизелӣ барои эҳтиёҷоти Идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи Ашт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 16.01.2024 19:10:10 |
| 16 | 419622 | Муассисаи давлатии «Маркази микроҷарроҳии чашм»-и вилояти Суғд | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 20 | 16.01.2024 19:20:30 |
| 17 | 419623 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Таҷҳизоти техникӣ, роҳаткурсӣ ва генератори дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 16.01.2024 19:22:52 |
| 18 | 419624 | Шуъбаи минтақавии «Бонки миллии Тоҷикистон» дар шаҳри Хуҷанд | Хӯроквори | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 17.01.2024 08:35:35 |
| 19 | 419631 | Коллеҷи омӯзгории шаҳри Панҷакент | Мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 28.12.2023 16:40:00 |
| 20 | 419632 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Суғд | Хизматрасонии нақлиётӣ барои 590 нафар дар самти шаҳри Хуҷанд - Душанбе -Хуҷанд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 28.12.2023 16:55:00 |
| 21 | 419633 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Зафаробод | Қисмҳои эҳтиётӣ ва масолеҳи изолятории барқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 29.12.2023 08:37:40 |
| 22 | 419634 | Муассисаи давлатии «Ансамбли фолклорию этнографии «Фалак»-и вилояти Суғд | Масолеҳи сохтмонӣ, асбобҳои мусиқӣ, техникаи офисӣ, диван ва либос | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 29.12.2023 11:00:00 |
| 23 | 419630 | Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Хуросон | Маводи канселярӣ, хоҷагидорӣ, баннер, хилъати зимистона, мебел, рахти хоб, муҳаррики барқтаъминкунӣ ва қуттии зиддисӯхтор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 16.01.2024 16:10:35 |
| 24 | 419635 | Шабакаҳои кумаки аввалияи тиббию санитарӣ | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 17.01.2024 13:40:00 |
| 25 | 419636 | Маркази вилоятии «Назорати давлатии фаъолияти санитарию эпидемиологӣ»-и вилояти Суғд | Зардоба ба муқобили бемории ҳорӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 17.01.2024 13:50:00 |
| 26 | 419637 | Маркази вилоятии «Назорати давлатии фаъолияти санитарию эпидемиологӣ»-и вилояти Суғд | Реактив ва лавозимоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 18 | 17.01.2024 13:55:55 |
| 27 | 419638 | Беморхонаи ноҳиявии №2-и Ҷамоати деҳоти Ёваи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Хилъати тиббӣ ва костюм барои занҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 17.01.2024 14:13:13 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

# СПЕЦИАЛЬНОЕ УВЕДОМЛЕНИЕ О ЗАКУПКАХ

## ЗАПРОС ПРЕДЛОЖЕНИЙ

## (процесс одноконвертных торгов)

**Страна:** Республика Таджикистан

**Название проекта:** «Проект усовершенствования управления водными иесурсами и ирригацией в Таджикистане» (ПУУВРИТ).

**Название контракта:** «Восстановление системы ВМК, Система центрального канала»

**Грант №:** IDA E0790-TJ и TF0B8740-TJ

**Ссылка на ПУТ:** SWIM-CW-NCB-12

Правительство Республики Таджикистан обратился за финансированием со стороны Всемирного банка и «Грант Трастовый Фонд Европейского Союза» в счет стоимости «Проект усовершенствования управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане» (ПУУВРИТ) и намеревается применить часть средств для осуществления выплат по контракту «Восстановление системы ВМК, Система центрального канала».

Центр управления Проектом (ЦУП) при АМИ настоящим приглашает правомочных участников торгов к подаче запечатанных конкурсных предложений на восстановление системы ВМК, система центрального канала.

Торги будут проводиться в рамках международных конкурентных закупок с использованием Приглашения к участию в торгах (ПУТ), как указано в «Положениях о закупках для Заемщиков ИПФ» Всемирного банка ***Руководство по закупкам товаров, работ и не консультационных услуг заемщиками Всемирного банка по займам МБРР и кредитам и грантам МАР, опубликованного в январе 2016 года, пересмотренные в ноябре 2017 года, августе 2018 года и ноябре 2020 года*** («Положения о закупках») и открыты для всех участников торгов, как это определено в Положениях о закупках.

Заинтересованные правомочные участники торгов могут получить дополнительную информацию от ЦУП «УВР-ФД», г. Душанбе, ул. Шамси 5/1, здание Министерство энергетики и водных ресурсов РТ, 9 этаж, кабинет №3 и ознакомиться с тендерной документацией в рабочее время $09^{00}$ часов до $16^{00}$ часов.

Тендерная документация на русском языке может быть приобретена заинтересованными правомочными участниками торгов после подачи письменной заявки по указанному ниже адресу. Документ будет отправлен по электронной почте.

Конкурсные предложения должны быть доставлены по указанному ниже адресу не позднее 22 января 2024 г. до $15^{00}$ часов. Электронные торги [не] будут разрешены. Запоздалые заявки будут отклонены. Конкурсные предложения будут вскрыты публично в присутствии назначенных представителей Участников торгов и всех тех, кто пожелает присутствовать, по указанному ниже адресу.

Все конкурсные предложения должны сопровождаться «Гарантией обеспечения Конкурсного предложения» на 60000 сомони.

Упомянутый выше адрес(а):

Кому: Центра Управления проектом по управлению водными Ресурсами Ферганской долины «проект усовершенствования управления водными ресурсами и ирригацией в Таджикистане».

Государственный Комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистана

Фактический адрес: ул. Шотемур 27.

Этаж/кабинет номер: 1 этаж, кабинет 9.

Город и страна: Душанбе, Таджикистан.

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект «Раннее развитие детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком.**

**Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности: ПЕРЕВОДЧИК**

**Задача и объем услуг:**

• Высококачественный письменный перевод всей корреспонденции, документации и материалов, связанных с Проектом;

• Качественный и устный перевод на встречах, конференциях, рабочих обсуждениях, связанных с Проектом;

• Выполнение в оговоренные сроки устных и письменных, полных и сокращенных переводов, обеспечивающих точное соответствие переводов лексическому, стилистическому и логическому содержанию оригиналов, соблюдение требований к научно-техническим терминам и определениям;

• Перевод научно-технической, медицинской, общественно-политической, экономической и другой специализированной литературы, описаний патентов, нормативно-технической и товаросопроводительной документации, переписки с зарубежным организациями, а также материалов конференций, встреч, семинаров и др.

**Квалификационные требования и опыт работы:**

• Диплом о высшем образовании;

• Подтвержденные (тестом и собеседованием) хорошие навыки устного и письменного перевода на трех языках;

• Общий опыт работы письменным и устным переводчиком на трех языках (русский-английский-русский и таджикский-английский-таджикский) не менее 5 лет;

• Опыт работы письменным/устным переводчиком в международных организациях и/или организациях, финансируемых международными донорами, не менее 3-х лет;

• Отличные навыки работы на компьютере (MS office, MS Word, MS Excel, Power point, Internet E-mail и др.).

**Кандидатам необходимо предоставить следующие документы:**

• Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя Директора Проекта Маджиди Ю.Х. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует, и краткое обоснование его / ее квалификации на эту должность;

• Подписанное и датированное резюме (CV) на русском и английском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

• Копия диплома и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

• Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

Крайний срок подачи документов до 7 января 2024 г., $16^{00}$ по местному времени.

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

734025 Республика Таджикистан, ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе (Офис ГРП РРД при МФ РТ в здании МФ)

**E-Mail:** jobs.info@ecdp.tj

**Tel:** (+992) 37 221 06 91

Главный специалист по закупкам ГРП РРД Сайфуллоев Мусо.

Только отобранные кандидаты будут приглашены на собеседование (если собеседование запланировано) и оценены.

Дополнительную информацию можно получить по вышеуказанному контакту.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини гумшуда, ки онро Кумитаи давлатии заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997 ба хоҷагии деҳқонии «Дониёр» дар ноҳияи Москва (ҳоло ноҳияи Ҳамадонӣ)-и вилояти Хатлон додааст, эътибор надорад.

✓ Манзилномаи №9-и гумшуда, ки онро Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо Қарори раиси ноҳияи Сино таҳти №44 аз 2 июни соли 2021 ба Қурбонов Ҷалил барои гирифтани манзил бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Навоӣ, хонаи 3/2Б, ҳуҷраи 2 додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи бинои истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Меҳробод ба Нашотова Гулшан (РМА 037167421) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи таҳсилоти умумии асосии силсилаи Т- ШТА №0175239, ки онро МТМУ №98-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2006 ба Қурбонова Ҳусния Мирзоевна (РМА 046537526) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи Т-АТУ №0850755-и гумшуда, ки онро МТМУ №98-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2018 ба Сафаров Қаҳрамон Изатуллоевич (РМА 127664652) додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0133193-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Роғун таҳти рақами қайди 411 ба сокини деҳаи Қандаки Ҷамоати шаҳраки Оби Гарми шаҳри Роғун Иброҳимов Файзулло (РЯМ 065048895) додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини №0157217- и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини шаҳри Роғун таҳти рақами қайди 1143 ба сокини деҳаи Калтаҳои Ҷамоати шаҳраки Оби Гарми шаҳри Роғун Мирзораҳимов Мизроб (РМА 065029505) додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи шарикии гумшуда оид ба ҳисссагузорӣ дар бунёди манзили истиқоматӣ, ки байни ҶСП «Муқим 1» ва Баҳриддинов Шукрихудо Саъдуллоевич (РМА 735044125) бо суроғаи шаҳри Душнабе, кӯчаи Авесто, бинои 27, хонаи 215 баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи шарикии гумшуда оид ба ҳисссагузорӣ дар бунёди манзили истиқоматӣ, ки байни ҶСП «Муқим 1» ва Саъдуллозода Сулаймони Ҳусниддин (РМА 735101407) бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Авесто, бинои 27, хонаи 303 баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии №0316755, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ 14 майи соли 2021 таҳти №19053 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, деҳоти Зайнабобод ба Тоиров Сайдаҳмад Одинаевич (РМА 355094544) додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур ба Исаева Азиза Баҳруллоевна (РМА 015560243, РЯМ 0130191197) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидории бинои сехи каҷкунии лӯлаи (цех отводов) собиқ КВД «Васл», ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 7 ба Аҷиков Сафаралӣ Абдуллоевич (ҳоло Абдуллозода Сафаралӣ Абдулло), (РМА 045839495) додааст, эътибор надорад.

✓ Протоколи №36-и гумшуда, ки онро Комиссия оид ба хусусигардонии моликияти давлатӣ дар бораи натиҷаҳои музоядаи фурӯши моликият 13-уми майи соли 2013 оид ба фурӯши бинои сехи каҷкунии лӯлаи (цех отводов) собиқ КВД «Васл» бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ, бинои 7 ба Аҷиков Сафаралӣ Абдуллоевич (ҳоло Абдуллозода Сафаралӣ Абдулло), (РМА 045839495) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, гузаргоҳи панҷуми кӯчаи Р. Раҳимӣ, хонаи 45 ба Шаҳобиддини Ёқубзод додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ бо рақами кадастрии 07-001-000214-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Сароб 11 июни соли 2018 ба Муминов Навруз Саиднуридинович (РМА 035763632) додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи низоми умумӣ бо РЯМ 0930034930-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Ҳисор ба Уроков Исломиддин Холмуродович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т- АТА №0566913, ки онро МТМУ №6-и ноҳияи Варзоб соли 2017 ба Абдуллоев Абдулло Неъматуллоевич (РМА 155355389) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи силсилаи А №01278597, ки онро ШВКД- 1 дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 20- уми феврали соли 2018 ба Шарипов Беҳрӯз Бозорбойевич (РМА 037435598) додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО №0237335, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шоҳтемур соли 2019 таҳти қайди 733 ба Хоҷаев Некруз Саидхоҷаевич (РМА 715146515) додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Шоҳмансур бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев, хонаи 67 ба Шарипова Рафоат (РМА 015278068) додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи ШТУ №0655539, ки онро МТМУ №53-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе соли 2013 ба Хушмамедов Аминҷон Нуралиевич (РМА 025620827) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Турдиев, бинои 29, хонаи 2 ба Шарипов Саид додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев, хонаи 36В, ҳуҷраи 5 ба Фозилзода Давлатманди Наҷмиддин (РМА 045852963) додааст, бинобар сабаби дар сӯхтор сӯхта нобуд шуданаш, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидорӣ, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев, хонаи 36В, ҳуҷраи 5 ба Фозилзода Давлатманди Наҷмиддин (РМА 045852963) додааст, бинобар сабаби дар сӯхтор сӯхта нобуд шуданаш, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Устувор-2011» (РМА 030019593), ки 18-уми январи соли 2011 дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Конституция - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фархунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 27 декабри соли 2023, соати 18:00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34460 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Атобуллоев ва Ӯ. Назар

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97